ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

УДК: 370+37.01
ББК 74.200
Б - 69

Ба ҳуқуқи дастнавис

БОБОКАЛОНОВ СУҲРОБ НОЗИМОВИЧ

АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАЪСИРИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРИИ ХУСУСИЯТИ АГРЕССИВИДОШТА БА РАФТОРИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

(ҳимояи такрорӣ)

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

ХУҶАНД – 2024

Диссертатсия дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Маҳкамов Дастам -** номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ

Муқарризони расмӣ: **Шаропов Шавкат Аҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Рафиев Сафархон Аюбович – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ».

Муассисаи пешбар **МДТ "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ"**

Ҳимояи такрории диссертатсия санаи 12-уми октябри соли 2024, соати 9:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КАО-026 дар бинои асосии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700 ш. Хуҷанд, кӯчаи. Мавлонбеков, 1) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар Китобхонаи илмии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" ва вебсайти www.hgu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат __ _____ соли 2024 фиристода шудааст.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
д.и.ф., дотсент **Ҳамробоев Н.А.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ -иқтисодии муосир барои тамоми инсоният пайдо намудани роҳ ва расонидани ёрӣ ба насли наврас, ки мубталои бозиҳои компютерии хусусияти зӯроваридошта гардидааанд, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки агар соли 2009 даромади умумии ИМА аз фурӯши бозиҳои навори видеоӣ 20 млрд долларро ташкил карда бошад, даромади умумӣ аз савдои ҷаҳонӣ бештар аз 110 млрд долларро ташкил кардааст, ки даромад аз бозиҳои видеоӣ аз даромади умумии Голливуд ду баробар зиёд аст. Ба бозиҳои компютерӣ кӯдакону наврасон машғул шуда, на танҳо зери таъсири он мемонанд, балки бисёр амалҳои зараровараӣ ва номатлуброёд мегиранд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки ҳарчанд тамошои бозиҳои компютерӣ, лаҳзаҳои видеоӣ, ки мазмуни тахайюлӣ ё агрессивӣ доранд, омили асосӣ ба шумор нарафта бошад, рафтори агрессивиро дар ҷамъият тавлид менамояд.

Аҳаммияти таҳқиқоти мо дар он ифода меёбад, ки мушоҳидаи муҳити наврасон ва ҷавонон тасдиқ менамояд, ки сол то сол теъдоди ҷавонони 18 - солаи зоҳиркунандаи омилҳои агрессиявӣ афзоиш ёфта истодааст, ки сабаби асосии он ба тамошои чунин намоишҳо дилбохтагӣ пайдо намудани ҷавонон мебошад.

Бозиҳои компютерӣ, ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, дар қатори дигар воситаҳои аудиёӣ ва фазоии ҷаҳони муосир, ҳарчи бештар дар инкишофи технологияи иттилоотӣ таъсир расонида, ба ҳаёти насли наврас ворид мегардад.

Маҳсулоти саноати бозиҳои компютерӣ бештар категорияи гуногуни синнусолии одамонро фаро мегирад, ки ба он аз кӯдакон то калонсолон дохил мешаванд. Ҳушёрии сиёсӣ ва маърифати баланди шаҳрвандӣ зарур аст, ки пеши роҳи ин омили зараровар ва номатлуб гирифта шавад. Зеро он метавонад маънавиёт, психика, рафтор ва муносибати насли ҷавонро вайрон гардонида, дар ниҳоди насли наврас тухми бадбинӣ, зӯроварӣ ва миллатчигиро ҷой намояд.

Тамошои филмҳои телевизионӣ ва дар бозорҳои байналхалқӣ мавҷуд будани рақобати сахти технологӣ ва сершумории бозиҳои компютерии мазмуни агрессивидошта ташвиши аҳли ҷомеа ва волидонро ба вучуд овардааст. Бо афзоиши таъсири технологияи компютерӣ торафт рафтори наврасон хусусияти агрессивиро дар худ мегирад, муносибат бо онҳо мушкилӣ эҷод мекунад.

Бозиҳои компютерии хусусияти зӯроваридошта ба рафтору кирдор, ахлоқ ва муносибати ҷавонон таъсир расонида, онҳоро аз инсони муътадил ба қотил ва ҷиноятқор табдил медиҳад. Мубрамияти технологияи компютериро дар тамоми соҳаи ҳаёти инсонӣ дарк намуда, баъзе тарафдорони бозиҳои компютерӣ ва сайтҳои интернетӣ тасдиқ менамоянд, ки ин агентҳо метавонанд, агрессияро дар одамони сустирода ба вучуд оранд, аммо иқтидоре надоранд, ки инсони муқаррариро ба қотил табдил диҳанд.

Масалан, дар аннотатсия ба бозии «Зидди қотил» қайд гардидааст: «Ту метавонӣ хешро ҷанговари ҳақиқӣ дарк намоӣ. Ту худат вазифаи судро метавонӣ сомон диҳӣ, дар ҳифзи қонунҳои бераҳмонаи олами ҷиноӣ истӣ, ё одатан куштани ҳар якеро, ки садди роҳи ту мегардад, анҷом бидиҳӣ».

Таҳқиқи чунин мавзуъҳо дар шароити муосир ба масъалаи чиддӣ табдил ёфта, ягон инсони солимақлро нисбат ба тақдири насли наврас ва ояндаи ҷомеа дар канор намегузорад. Ба ин кори муқаддас бояд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоми вазорату комитаҳо дар якҷоягӣ мубориза баранд. Тамоми тадбирҳои заруриро андешанд, то бозиҳои компютерии дорои хусусияти зӯроварӣ, қатл, таҷовуз ва ташвиқу тарғиби ҷангу нооромӣ ба дуконҳои савдои Тоҷикистон ворид нагарданд ва ба саломатию тафаккури насли наврас осеб нарасонад.

Зиёд гардидани ҷиноятқорӣ дар байни ҷавонон, ноболиғон ба таври айёнӣ далели он мебошад, ки дар натиҷаи дилбастагии ҷавонон ба бозиҳои компютерии характери

зўроваридошта, куштори бераҳмона, ҷанг дар ҷамъият амсилаи нави рафтори ҷавонон гардида, пайдо намудани роҳу усули бартараф намуданро талаб менамояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқот оид ба тарзи ҳаёти солим фаъол гардид, ки мисоли равшани он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мебошад. Дар бораи бозиҳои компютерии хусусияти зўроваридошта Сирус Аҳмадӣ дар соли 1999 таҳқиқот гузаронида, таъсири онро ба рафтори агрессивии ҷавонон ошкор намуд.

Ин масъала, инчунин, аз ҷониби Ҷаъфар Дорӣ дар соли 2001 таҳқиқ гардид, ки ба омӯзиши фардии шахсият, рафтор ва хусусиятҳои оилавии кўдакон ва наврасон дар он таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки қисми зиёди ширкаткунандагони бозиҳои компютериро хонандагони аз 13 - сола боло ташкил медиҳад.

Аз ҷониби Беҳноз Даврон дар соли 2002 зери унвони «Омӯзиши робитаи байни бозиҳои компютерӣ ва маҳорати иҷтимоии наврасон» таҳқиқот анҷом дода шуд, ки таъсири онро дар тобеъшавии инсон ба ин бозиҳо ниҳоят хуб ошкор намудааст.

Таҳқиқотчии дигар Насриддин Амин дар соли 2003 ба масъалаи «Таъсири бозиҳои компютерӣ ба дараҷаи инкишофи қаҳру ғазаб ва давомоти наврасон» кори арзандаро ба сомон расонидааст. Лекин қисми зиёди таҳқиқотҳо ба бозиҳои тахайюлии компютерӣ, ки дар Амрико ва Аврупои Ғарбӣ ниҳоят зиёд аст, бахшида мешаванд. Муҳаққиқи рус оид ба бозиҳои компютерии тахайюлӣ Игнатев М.Б. ҳолати бозиҳои тахайюлии компютериро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Инчунин, Степансова О.А., хусусияти хоси бозигарони компютерӣ, Бурлаков И.В, Гудимов В.В. ва Петрусь (Кузнецов) Г.Г, сарчашма ва мазмуни бозиҳои компютерии тахайюлиро аз мавқеи психоанализм мавриди омӯзиш қарор доданд. Имрӯз оид ба таҳқиқоти тахайюлии бозиҳои компютерӣ бештар олимон А.Р. Гэллоувэя, Г.Г. Рябова, Л.П. Тимофеевой ва дигарон хизмати шоиста кардаанд.

Дар таҳқиқоти дигар, ки соли 2004 зери роҳбарии А. Давачи, Ф. Саҳобӣ ва доктори илм М. Маҳмудӣ гузаронида шудааст, бо мақсади муайян намудани мавҷудияти робита байни видео ва бозиҳои компютерӣ бештар аз 320 донишҷӯ ба он фаро гирифта шуда бад. Дар соли 2006 зери фаъолияти Департаменти идоракунӣ ва банақшагирии Маркази тарбияи маънавии хонандагон ва ҷавонони мамлакат унвонҷўён, Т. Шаварди ва Ш. Шаварди дар мавзуи «Таъсири иҷтимоӣ, маданӣ ва ҷисмонии бозиҳои компютерӣ ба психикаи кўдакон ва наврасон» таҳқиқоти арзандаи илмӣ гузаронид.

Дар кори диссертатсионии Ф.Ш. Партовова «Оид ба шароитҳои педагогии ташаккули асоси тарзи ҳаёти солими донишҷўёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» проблемаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Ба ин масъала олимони рус Е.Б. Беспалко, Н.А. Бирюкова, В.Н. Гончарова, В.В. Давидова, Г.К. Селевко, Д.Б. Элконин., В.П. Казначеев таваҷҷуҳ зоҳир намуда, технологияи педагогии солимнигоҳдориро мавриди пажуҳиш қарор доданд.

Дар раванди таҳлили адабиёти илмӣ - педагогӣ ва таҷрибаҳои педагогӣ **ихтилофҳои зерин** ошкор гардиданд:

- дар байни талаботи ҷамъияти муосир оид ба ташаккули шуури донишҷўён тавассути бозиҳои компютерӣ дар соҳаи худмаълумотгирӣ ва мавҷуд набудани низом дар фаъолияти худомўзӣ;

- байни зарурати офаридани бозиҳои компютерии ба ҷараёни таълим майлгирифта ва ташаккули шуури донишҷўёни дараҷаи нокифояи дониш, малака ва маҳоратдошта тавассути бозиҳои компютерӣ;

- мавҷуд набудани тасаввуроти аниқ дар бораи низоми педагогӣ, шароит ва методикаи ташаккули он, низоми баҳо ва методика баррасӣ нагардидааст;

- самаранокии ташаккули шуури маърифатии донишҷўёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути бозиҳои компютерӣ ошкор нагардидааст.

Робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти мазкур бо “Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои солҳои 2012 - 2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели 2012, №200), инчунин бо Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2022” ва нақшаи дурнамои корҳои илмӣ - таҳқиқотии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2022 робитаи бевосита дошта, бо мақсади мусоидат дар амалисозии онҳо рӯи кор омадааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Ошкор ва муайянсозии асосҳои педагогии таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, коркарди усулҳои самарабахши пешгирии одаткунии донишҷӯён ба бозиҳои компютерии хусусияти тобеъкунандадошта.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мақсад ва фарзияи таҳқиқот ба ҳалли вазифаҳои зерин водор сохтанд:

- омӯзиш ва баррасии асосҳои педагогии таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- таҳқиқ ва таҳлили муносибати назариявии таҷрибаи рамзӣ дар шароити бозиҳои компютерии воқеӣ;
- муайян намудани нишонаҳои тахайюлии бозиҳои компютерии таъминкунандаи фаъолияти муътадили бозӣ ва омилҳои ҳосилкунандаи таҷрибаи рамзӣ ё одаткунӣ ба бозиҳои компютерӣ;
- ошкор кардани таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба ташаккул ва рушди ҷаҳонбинӣ ва омодагии психологӣ, шахсиятӣ, ахлоқӣ, муоширатӣ, таъмини бехатарӣ ва ба худомӯзии ҷавонон;
- кушодани бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба иҷтимоишавӣ ва фаъолияти ҳаёти шахсиятии донишҷӯён;
- коркарди амсилаи самарабахши пешгирии одаткунии донишҷӯён ба бозиҳои компютерии хусусияти тобеъкунандадошта.

Объекти таҳқиқот – таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот – асосҳои педагогии таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Фарзияи таҳқиқот - таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтори донишҷӯён бартараф карда хоҳад шуд, агар:

- масъалаи таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтори донишҷӯён ҳаматарафа аз нигоҳи илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шавад;
- нишонаҳои тахайюлии бозиҳои компютерии таъминкунандаи фаъолияти муътадили бозӣ ва омилҳои ҳосилкунандаи таҷрибаи рамзӣ ё одаткунӣ ба бозиҳои компютерӣ ошкор карда шавад;
- мафҳуми «бозигари компютерӣ» ва хатарҳои аз он содиршаванда ба донишҷӯён фаҳмонда шавад;
- хусусияти бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба иҷтимоишавӣ ва фаъолияти ҳаёти шахсиятии донишҷӯён кушода шавад;
- пеши роҳи донишҷӯёне, ки вақти бештари хешро ба бозиҳои компютерӣ сарф менамоянд ва дар онҳо ҳолати ғазабнокӣ меафзояд, гирифта шавад;
- дарачаи маълумотнокии волидон оид ба хусусияти агрессивидоштани бозиҳои компютерӣ баланд бардошта шавад;

- омӯзгорон ва волидон ба фаъолияти донишҷӯён ҳангоми ба компютер машғул шудан мунтазам назорат баранд ва оқибатҳои ба бозиҳои хусусияти агрессивидошта машғул шудани онҳо фаҳмонида диҳанд;

- амсилаи ташаккули шуури донишҷӯён тавассути бозиҳои компютерӣ ва барномаи ҳамкории муассисаи таълимӣ бо оила ва аҳли ҷомеа оид ба пешгирии мубталошавии ҷавонон ба бозиҳои компютерӣ коркард ва мавриди озмоиш қарор дода, илман асоснок намоянд.

Марҳилаҳои таҳқиқот. Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд:

Дар марҳилаи якум (солҳои 2016 - 2017), ки марҳилаи ҷустуҷӯй ном дорад, таҳлили назариявии масъала амалӣ гардид, фарзия, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуда, маводи таҷрибавӣ ҷамъоварӣ ва нақшаву методҳои таҳқиқот коркард гардиданд.

Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2018 - 2019) асосҳои назариявии таҳқиқот коркард гардида, тадбирҳои пешгирикунанда аз раванди одаткунии ҷавонон ба бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта андешида шуд ва дастгоҳи илмии таҳқиқот коркард гардид.

Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2020 - 2021) корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ гузаронида шуда, маводи таҳқиқот ба танзим дароварда, таҳлилу ҷамъбаст гардид ва таҳияи матни диссертатсия анҷом дода шуд.

Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот инҳоанд:

- Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Оид ба сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон», «Оид ба сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010 - 2020», «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- андешаҳои асосии педагогӣ, психологӣ, антропологӣ, фалсафӣ дар бораи инсон ва тарбияи он;

- таҳқиқот дар бораи робитаҳои иҷтимоӣ - биологӣ, неруи зеҳнӣ ва ҷисмонии наврасон;

- назарияи таълимии И.Я. Лернер; назарияи фарҳангшиносӣ дар бораи донишҳои гуманитарии А.С. Запесоский, М.С. Коган, В.Г. Марансман; корҳо дар самтҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ, санъат, методологияи амсиласозӣ, кибернетика, олами тахайюлот дар ҳалли ин масъала;

- асосҳои консептуалӣ ва равишҳои назариявӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоишавии ҷавонон ва таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтору ахлоқ ва саломатии наврасон;

- муносибати ба шахс нигаронидашуда, ки дар доираи он ташаккули салоҳияти касбии омӯзгор бо назардошти эҳтиёҷоти таълимиву тарбиявии ӯ амалӣ карда мешавад (В.В. Игнатова, Н.В. Ғафурова, Е.В. Бондаревская, И.С. Якиманская, В.В. Сериков, С.И. Осипова ва дигар муҳаққиқон);

- равишҳои ҳамгирошуда, ки ягонагии восита, усул, шакл ва ҷузъҳои таркибии мундариҷаи ташаккули салоҳияти маърифатии донишҷӯёнро дар раванди таълиму тарбия таъмин менамояд (М.Н. Берулав, И.Ю. Алексашин, Т.Н. Литвинов, И.А. Колесников ва дигарон).

Сарчашмаи маълумот. Осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогии олимону муҳаққиқон: Л.С. Виготский, В.Е. Лепский, В.П. Лефевр, Р. Арнхейм, синергетикаи И. Пригожин, И. Стенгерс, С.П. Курдюмов, Э. Янч, В.И. Тасалов, В.И. Аршинов, Д.С. Чернавский, феноменологияи Э. Гуссерл, К. Ясперс, М. Хайдеггер, М. Мерло-Понти оид ба мушкилоти умуминазариявии мантиқӣ - методологии бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ва оид ба ҷараёни эҷодӣ ҳамчун тафаккури ноҳамвори ҳаяҷонӣ - фаъолиятии мантиқии инсон; санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ; санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва дигар санадҳои меъёриву ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму

тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории бевоситаи амалӣ бо объекти таҳқиқшаванда: таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ - озмоишӣ, тасниф онҳо ва ҷамбасткунӣ бо истифода аз усулҳои оморӣ – дараҷаҳои бисёрҷанбаи Фишер, дараҷабандӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти ҷанбаи эмпирикидошта, методи коркарди иттилоот; усулҳои эмпирикӣ – таҳлили мазмун, таҷрибаи педагогӣ, мушоҳидаи педагогӣ, пурсишнома, таҳлили таҷрибаи педагогӣ; усулҳои умуминазариявӣ – ҷамъбаст, муқоисаи назарияҳо оид ба проблемаҳои баррасишаванда, омӯзиши ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлили адабиёти илмию методӣ, педагогӣ, психологӣ ва фалсафӣ рӯи кор омадаанд.

Пойгоҳи таҷрибавию озмоишии таҳқиқот. Корҳои таҷрибавӣ - озмоишии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо донишҷӯёну омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии шаҳри Душанбе дар пойгоҳи Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ, Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва Коллеҷи омӯзгорӣ - техникии ноҳияи Рӯдакӣ гузаронида шуда, ба таҳқиқот 300 нафар донишҷӯ ҷалб карда шуд.

Навгонии илмии таҳқиқот:

- асосҳои педагогии таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессиви-дошта ба рафтори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҷиҳати илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор дода шуд;
- ошкор карда шуд, ки ҳамарӯза ба шабакаҳои бозиҳои компютерӣ барномаҳои нави бозиҳои гуногун ворид мегарданд ва афзоиши теъдоди ҳодисаҳои рафтори иҷтимоии агрессивидоштаи наврасон ва ҷавонон ба мушоҳида мерасад, ки ташвишу изтиробро дар байни тамоми аъзои ҷамъият ба вуҷуд овардааст;
- муайян карда шуд, ки яке аз сабабҳои паст рафтани рафтору ахлоқ ва ғайриқаноатбахш гардидани давомоти донишҷӯён, мунтазам машғул шудани онҳо ба бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта мебошад ва вобаста ба он хусусияти бозиҳои компютерии агрессивидошта ба иҷтимоишавӣ ва фаъолияти ҳаёти фардии донишҷӯён аниқ карда шуд;
– ошкор карда шуд, ки бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба ташаккул ва рушди ҷаҳонбинӣ, омодагии психологӣ, шахсиятӣ, ахлоқӣ, муоширатӣ, таъмини бехатарӣ ва худомӯзии ҷавонон таъсири бевосита доранд;
- амсилаи ташаккули шуури донишҷӯён тавассути бозиҳои компютерӣ ва барномаи ҳамкории муассисаи таълимӣ бо оила ва аҳли ҷомеа оид ба пешгирии мубталошавии ҷавонон ба бозиҳои компютерӣ коркард ва мавриди озмоиш қарор гирифта, илман асоснок карда шуд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Таъсир расонидан ба шуури донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ оид ба оқибати бозиҳои компютерӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои фанни таълимӣ дар ҷараёни педагогӣ;
2. Ошкор намудани таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба ташаккул ва рушди ҷаҳонбинӣ ва омодагии психологӣ, шахсиятӣ, ахлоқӣ, муоширатӣ ва таъмини бехатарии ҷавонон;
3. Ташвиқи муносибати бошуурона ба бозиҳои компютерӣ, баҳои воқеӣ додан ба фарҳанги амнияти донишҷӯён барои тобеъ нагардидан ба бозиҳои компютерии тахайюлӣ.
4. Ташаккули муносибати бошуурона ба бозиҳои компютерӣ, ки ташаккулдиҳандаи тафаккури донишҷӯён мебошанд ва метавонанд омилҳои назоратӣ - натиҷабахшро таъмин намоянд.
5. Одаткунонӣ, майлгирии донишҷӯён ба бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта метавонад ба саломатии онҳо таъсири манфии худро расонад.

Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки:

- дар асоси хулоса ва муқаррароти назариявӣ, ки дар мазмуни диссертатсия инъикос ёфтааст, барои омӯзгорон тавсияҳои методӣ оид ба роҳу воситаҳои пешгирӣ намудани

гаравидани наврасон ба бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта таҳия карда шудаанд. Ҳамзамон, маҷмуи махсуси вазъиятҳои проблемавӣ кор карда шудаанд, ки омӯзгорон метавонанд дар ҷараёни корҳои таълимиву тарбиявӣ ҷиҳати ҷилавгирӣ аз таъсири бозиҳои компютерии костакунандаи ахлоқу маънавиёт толибилмон истифода баранд;

- маводи таҳқиқотии мазкурро метавон дар муассисаҳои таълимии ҳама гуна зинаҳои таҳсилот истифода намуд. Тавсияҳои илмӣ - методии омодакардашуда тасаввуроти омӯзгорону волидон ва аҳли ҷомеаро оид ба масъалаи мазкур ғанӣ гардонида метавонанд, зеро:

- асосҳои педагогии таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омӯхта, таҳлил карда шуданд;

- чорабиниҳои педагогии пешгирикунандаи бозиҳои компютерии хусусияти зӯроваридошта дар байни ҷавонон таҳия ва пешниҳод шуданд;

- таҳлили иҷтимоию педагогии бозиҳои компютерии хусусияти реаксионӣ дошта дар рафтор, ахлоқ ва психологияи насли наврас гузаронида шуд;

- маҷмуи чораҳои педагогии пешгирикунанда оид ба ташаккул додани маърифат ва маданияти насли наврас нисбат ба бозиҳои компютерӣ пешниҳод ва мавқеи пешбарандаи муассисаҳои таълимӣ дар ташаккули шуури донишҷӯён оид ба меъёри истифодабарӣ аз компютер ва бозиҳои компютерӣ ошкор карда шуд;

- натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо метавон дар иттилоотикунонии донишҷӯён ва падару модарон дар бораи зарару оқибатҳои бозиҳои копютерии хусусияти агрессивидошта ва тарзу усули истифодаи манфиатнок аз технологияи нав, ҳамчунин, тавассути воситаҳои ахбори омма аз тариқи ташкили намоишномаҳо ва мақолаҳои оммавӣ - публисистӣ оид ба таъсири бозиҳои компютерӣ ба солимии ҷисмонӣ ва равонии насли наврас мавриди истифода қарор додем.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда ба нуктаи назариявӣ ва методологӣ бо асоснокии худ комилан мувофиқ ва бо мавзуъ ва предмети таҳқиқот яксон буда, мубталошавии ҷавононро ба бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта пешгирӣ менамояд;

- натиҷаи корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ бо тариқи омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбаст бо истифода аз маҷмуи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда дар фаъолияти таълимиву тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои таҷрибавию озмоишӣ бар меоянд, ба даст омадаанд;

- корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ ба санҷишу арзёбӣ ва муқоисакунии маълумоти бадастомада оид ба ташкили раванди пешгирии гаравидани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта то озмоиш ва баъди озмоиш асос ёфтанд;

- асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқот дар муқаррарот ва хулосаву тавсияҳо ифода гардида, онро муносибати маҷмуӣ оид ба мушкилот, шоистагии усули таҳқиқот, мақсаду вазифаҳо, ҳамбастагии усули сифатӣ ва миқдории таҳқиқот, корҳои таҷрибавию озмоишӣ ташкил додаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба *банди 3* – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низоми /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш;), *банди 5* – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ - фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия;) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва

сифатии мавод; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҷорабиниҳои илмӣ, амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷассум меёбад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Муқаррароти асосии диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ ва маводи дигари аз ҷониби муаллиф таҳия ва нашркардашуда дарҷ гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии сатҳҳои гуногун, семинарҳои илмӣ - методӣ ва ҷаласаҳои шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа шуда, мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Маводи таҳқиқотӣ дар раванди ҷорабиниҳои таълимиву тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбие, ки пойгоҳи таҳқиқот буданд, ҷорӣ ва роҳандозӣ карда шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз руйи мавзуи диссертатсия зиёда аз 32 мақолаву дастурҳои илмӣ - методӣ, аз ҷумла, 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 номгӯй мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо мантиқи он мувофиқ буда, аз муқаддима, ду боб, хулосаву тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 181 номгӯ иборат аст. Мазмуни диссертатсия дар 159 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шуда, дорои 7 ҷадвал ва 6 расм мебошад.

МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** зарурату аҳаммияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд. Инчунин, маълумот дар бораи марҳилаҳои таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми рисола нишон дода шудааст.

Дар боби якум - **«Оид ба асосҳои назариявии бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта дар бехтар гардидани давомоти донишҷӯён» -** тамоми диққати хешро ба таърихи пайдоиши бозиҳо ва минбаъд барои ҷавонон хатарнок гардидани он равона намудем. Таъкид карда шудааст, то даме ки инсоният вуҷуд дорад, ҳамин қадар бозиҳои умумӣ вуҷуд доранд, аммо қисме аз бозиҳо дар инкишофи ҷисмонии инсон ва қисме дар таназзули он мусоидат мекунанд.

Ҳамин буд, ки бозиҳо такмил ёфта, то ба бозиҳои компютерӣ, интернетӣ ва наворию тахайюлӣ расиданд. Мутобиқи андешаи психолог С.М. Иванов динамикаи инкишофи вобастагии компютерӣ чор зинаро дар чунин шакл ифода менамояд.

1. Дар зинаи якум ҷараёни одаткунонии одамон ба бозӣ рӯй медиҳад, ки инро **зинаи одаткунии сабук** меноманд:

2. Давраи дуюм бо он тавсиф карда мешавад, ки вобастагӣ зуд ташаккул меёбад (**давраи одаткунӣ).**

3. Дараҷаи вобасташавӣ ба ҳадди худ расида, ба хусусиятҳои фардии шахсият ворид мегардад, ки ин зинаро тобеъшавӣ меноманд **(дараҷаи тобеият).**

4. Дар натиҷа, дар давраи муайяни вақт, тобеъшавӣ устувор гардида, баъзан коҳиш меёбад ва боз дар давраи дуру дароз устувории хешро нигоҳ медорад.

Ҳаёти мо чист? Бозӣ! - гуфта буд Шекспир. Драматурги бузург медонист, ки баъди садсолаҳо наслҳои нав ин гуфтаро ба ҳаёт муқобил мегузоранд, на баръакс имрӯз миллион нафар одам бо хоҳиши худ ба бозиҳои компютерӣ машғул гардида, худро бо сафҳакалид (клавиатура) мепайвандад ва вобастаи воқеияти тахайюлӣ мегардад.

Тамошои ҷангҳои ғоратгаронаи тахайюлӣ, зӯроварӣ, қатл, азоб ва шиканҷа ҷавонони ноогоҳро тобеи бозиҳои компютерӣ мегардонад. Пас аз он ки бозӣ ба одат табдил ёфт, ҷавонон дигар аз олами бозӣ берун шуда наметавонанд. Ин раванд ва одаткунии ҷавонон ҳамеша дахолати педагогӣ ва психологиро тақозо мекунад. Дар натиҷаи одаткунӣ ва тобеъшавӣ ба бозиҳои компютерӣ ҷисми онҳо ба беморшавӣ, аз ҷумла, фарбеҳшавӣ сар карда, баъзан системаи фаъолияти ҳаётии онҳо қатъ гардида, ҷавонро ба марг мерасонад.

Бозиҳои компютерии дорои хусусияти бераҳмӣ, ки инсонро тобеи худ мегардонанд, ба олами тахайюлӣ ворид месозанд, дар натиҷаи он инсон таҳқурсии одаткунияшро аз даст медиҳад: фазою вақт ва ҳаёту марг барои онҳо фарқ надоранд. Онҳо ҳариб гӯё ба касе кор надоранд, танҳо ҳангоми пайваст гардидан бо компютер ва интернет ва оғоз кардани бозӣ худро тавоно, зӯр ва қаҳрамон ҳис менамоянд. Чунин одамон ҳамеша нохушии рақибро интизоранд ва аз ҳар як бадбахтию нокомии дигарон илҳом мегиранд.

Олимони соҳаи педагогика ва психология дуруст дарк намудаанд, ки дар шуури ҷавонони мубталогардидаи бозиҳои компютерӣ тағйирот рӯй медиҳад. Педагог ва психологҳо андеша доранд, ки ҳар қадар инсон сахттар ба бозӣ дилбастагӣ пайдо намояд, ҳамон қадар омилҳои таъсиррасони берунӣ дар ӯ қаҳру ғазабро ба вуҷуд меоранд.

Аз ҷиҳати педагогӣ ва психологӣ омили заруритарин барои инсон ва барқароршавии қувваю неруи харҷгардидаи ӯ хоб мебошад, аммо барои бозигари тахайюлӣ қотилони ин олам хобро нороҳат мегардонанд. Ақлу хиради бозигари олами тахайюлӣ, бозиҳои компютерии даҳшатнок дигар ангезаҳои ҷисмашро шунида наметавонад. Ӯ оҳиста - оҳиста аз ин олами воқеӣ берун шуда, дар олами тахайюлӣ ба худ ҷой пайдо менамояд.

Дар натиҷа дил ва рагҳои хунгард вазифаашонро гум карда, ҷисм хароб, шуур ва худидоракунӣ гум шуда, бофтаҳо ба ҳалокат мерасанд. Таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидоштаро олимони соҳаи педагогика ва психология бо май ва маводи мухаддир наздик ва баробар меҳисобанд. Агар дар шароити муосир ба муқобили маводи мадҳушкунанда тамоми ҷаҳон муборизе барад, ба муқобили мубталошавии бозиҳои компютерӣ як қисми ночизи фаъолон кор мебаранд ва он проблемаи асосии таҳқиқоти педагогӣ - психологӣ мегардаду халос.

Дар шароити муосир яке аз ҳолатҳои мураккаб барои тамоми давлатҳои ҷаҳон вобастагии геймерии насли наврас мебошад, ки аз ҳама зиёд дар Россия дар шакли ба истилоҳ «роҳзании компютерӣ» рӯ ба авҷ ниҳодааст. Ин ниҳоят хатари ҷиддӣ мебошад, аммо аҳолии Тоҷикистон дар шароити муосир ин хатарро то охир дарк накардааст. Дар Тоҷикистон ҳатто падару модароне ёфт мешаванд, ки қаҳрамонии тахайюлии фарзандонашонро тарафдорӣ менамоянд, аҳсану офарин мегӯянду аз оқибати хатарбори ин амал огаҳ нестанд. Аксар волидон содалавҳона гумон мекунанд, ки ин амали фарзандонашон нисбат ба вақтро дар кӯча дар сарсонию саргардонӣ гузаронидан беҳтар мебошад. Онҳо ҳатто намефаҳманд, ки компютер барои кӯдаки онҳо на танҳо бозича, балки сарчашмаи дониш аст. Аз нофаҳмии волидон оҳиста - оҳиста компютер ба воситаи ивазкунандаи волидону наздикон табдил ёфта, ҷойи онҳоро ишғол менамояд. Баъзан дарк наменамоянд, ки кӯдаки онҳо нисбат ба падару модари мушфиқу ғамхор ба компютер бештар дилбастагӣ пайдо намудааст.

Агар донишҷӯ ба бозиҳои компютерии дағал ва зӯроварӣ одат пайдо карда бошад, кӯшиш кардан зарур аст, ки ҳолати ӯро дуруст фаҳмида, маслиҳату тавсияҳои педагогӣ ва психологӣ дода, ба роҳи дуруст ҳидоят намоянд. Танқиди бемавриди ҷавонон аз ҷониби волидон, ҳамчун омили ӯро фаҳмида нахостани волидон қабул гардида, ба ҳолати пинҳон намудани сирру асрор ва бадбинию нафрат оварда мерасонад.

Бозиҳои компютерӣ ним аср пеш дар Донишгоҳи технологии Массачусетси ИМА пайдо гардидаанд. Аллакай дар соли 1961 барномасозон дар яке аз мэйнфрэймҳо аввалин шуда дар ҷаҳон бозии компютериро ихтироъ карданд, ки он номи Space War - ро дар худ гирифт. Моҳияти бозӣ дар он зоҳир мегардид, ки гӯё ду киштии кайҳонӣ дар фазои монитор парвоз намуда, ҳамдигарро зери зарба қарор медоданд. Бозиҳои аввалини компютерӣ дар жанре

ихтироъ гардида буданд, ки онҳо машҳур гардида натавонистанд. Зеро дар он давраҳо дар бораи компютери шахсӣ сухан намерафт. Ҳар техникаи компютерӣ ҷариб коркарди махфӣ ҳисобида шуда, арзиши зиёди пулиро ноил буд. Ин бозиҳоро барномасозон махсус барои худ омода карда буданд, то рӯзи кориро дар бозӣ кӯтоҳ кунанд.

Компютер торафт тавоно ва бозиҳои компютерӣ вусъат ёфта, вазифаҳояшонро иҷро мекардагӣ шуданд. Дар бораи бозиҳои компютерӣ сухан ронда, мо ба хулосае омадем, ки компютер дар таълиму тарбияи насли наврас омили беҳтарин мебошад, агар мақсаднок истифода бурда шавад. Аммо ин фаҳмиши мо чандон дуруст набаромад, зеро ки бозиҳои компютерӣ ба ахлоқи ҳамида костагӣ ворид менамоянд.

Бозиҳо дар навбати худ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоии тамоми ноболиғон ва навҷавонон ба ҳисоб мераванд. Аммо мувофиқи андешаи педагогҳову психологон ба ин воқеият, ки компютер қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи ҳаёти ҷавонон мебошад, мутаассифона, диққати зарурӣ дода намешавад.

Бисёриҳо ба бозӣ ҳамчун воситаи вақтгузаронӣ, дигарон ҳамчун воситаи қонеъгардонии майлу хоҳиш менигаранд. Агар ба машғул шудани ҷавонон ба бозиҳои гуногун монеъ шавем, педагогика ва психология онҳоро тавсия медиҳанд, бача дар синни ҷавонӣ ба буҳрони фардӣ гирифтор мегардад. Бозӣ то кадом андоза дар ташаккули ҷисмонӣ, шахсиятӣ, ахлоқӣ ва мадании ҷавонон таъсир мерасонад, илми педагогика ва психология онро собит намуданд.

Алфред Адлер - психологи машҳур мегӯяд: «ба бозӣ ҳамчун воситаи вақтгузаронӣ нигоҳ кардан нашояд, балки бозиро ҳамчун воситаи инкишоф бояд донист». Мувофиқи андешаи психологи дигар Кайнст, бозӣ барои бачагон баробари вазни суҳбат барои калонсолон мебошад.

Рафтори агрессивии донишҷӯён то як андоза маҳсули таъсири оила, ҳамсолон, муҳит, инчунин, воситаҳои ахбори омма мебошад. Ҷавонон рафтори агрессивиро аз муҳите, ки дар он қарор доранд ва аз муносибати агрессивии байниҳамдигарии одамон меомӯзанд ва аз камтаҷрибагӣ ба он тақлид ва пайравӣ менамоянд.

Волидон бояд ҳамеша омода бошанд, ки муносибати номатлуб ва рафтори бераҳмонаи байниҳамдигарии фарзандонашонро пешгирӣ намоянд. Волидоне, ки нисбат ба фарзандон ҷазои сахтро амалӣ менамоянд, фарзанди онҳо саркаш, нофармонбар, дурӯғгӯй ва ҷоҳил ба воя мерасанд. Тамоми шаклҳои агрессивият як аломати умумӣ дорад: ҷавонони ба он майл дошта, кӯшиш менамоянд, ки вазъиятро зери назорати хеш нигоҳ доранд, ва дар маҷмуъ, ба он таъсир расонад, худ ё атрофиёни хешро такмил диҳанд, одамони наздикро ба доираи махсус фаро гиранд.

Реаксия дар шакли рафтори агрессивӣ, қувваи мақомоти дохилиро ба ҳаракат дароварда, дар хотир мемонад. Ҳамчунин, агрессия тамоми шакли рафторро номидан мумкин аст, ки ҳадафи он паст задан ё расонидани зиён ба дигар мавҷудоти зинда мебошад.

Ба сифати оқибати нангини бозиҳои компютерии хусусияти реаксионидошта метавон торафт танг гардидани доираи ҳавас, кӯшиши тарк намудани олами воқеиро дохил намуд. Ҷавонони мубталои бозиҳои компютерӣ кӯшиш менамоянд, ки аз воқеият ва олами воқеӣ дур шаванд, ки ин ниҳоят хатарнок аст. Дар ин раванд ҷавонон баъзан кӯшиши худкушӣ менамоянд, ки сабаби он ягона роҳи халосӣ аз ташвишҳои олами воқеӣ мебошад.

Дар шароити муосир диққатро ба сӯи худ толорҳои бозӣ ва автоматҳои дар он мавҷудбуда ҷалб менамояд, ки барои ҷавонон аз ҳама чизи хатарнок бозиҳои видеоии ҷангӣ дар компютерҳои шахсӣ шинохта шудаанд.

Соҳаи васеъгарини таҳқиқоти моро таъсири бозиҳои компютерӣ ба давомоти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва зоҳир гардидани рафтори агрессивии бисёр ҷавонон тавассути бозиҳои компютерӣ ташкил медиҳад. Мутобиқи назарияи психоаналитикон баръакс, бозиҳои компютерӣ имкон медиҳанд, ки дар кӯдак рафторҳои зӯроварӣ, баёни ҳиссиёти қаҳру ғазаб, ҷоҳилӣ, ки ба атрофиён маъқул нест, пайдо гардад.

Олими донишгоҳи Толоку дар Япония - ошкор намуд, ки бозиҳои компютерӣ ба ҳамон минтақаи мағзи сар таъсир ворид менамоянд, ки вазифаи биниш ва ҳаракатро ба танзим медарорад, аммо инкишофи дигар қисматҳои муҳими ҷисмро тавоно намегардонад. Бозиҳо инкишофи қисмати пешонаи мағзро манъ намуда, рафтори инсон, тамрини хотира, ҳаяҷон ва таълимро душвор мегардонад.

Масъалаи нигоҳдории солимии насли наврас дар ҳама давру замон таҳқиқотчиёнро ба ташвиш оварда буд ва масъалаи асосии илми педагогика ва психология ба ҳисоб мерафт. Бозиҳое, ки таҳқиқотчиён ба онҳо ҳамчун дорои мазмуни зӯроварӣ, зоҳиркунандаи нафрат ва фишор баҳогузорӣ менамоянд, чун анъана, ҷойгоҳи аввали рейтинги бозиҳои машҳурро дар байни наврасон ишғол менамоянд.

Ҷавонони ба бозиҳои компютерӣ завқдошта, бештар ба хаёлот рафта, ҳаяҷон дар ҷисмашон афзоиш меёбад ва аз ин ҳолат роҳи баромаданро ёфта натавониста, аз ҳаёт ва зиндагӣ дилхунук гардида, ягона роҳи озодиро дар ворид гардидан ба олами тахайюлӣ мебинанд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ мавзуи таҳқиқоти мо оид ба масъалаи зӯроварӣ, қаҳру хашм, бадбинӣ ва зуҳуроти агрессивӣ ба яке аз масъалаҳои мубрам табдил ёфтааст, ки қариб ҳамеша дар шакли ошкор ва рӯйпӯш дар ҷамъият зоҳир мегардад, ва ин омил ташвишовар мебошад.

Таҳқиқот собит менамояд, ки донишҷӯёни гирифтори вобастагии бозиҳои компютерӣ, дар дарсҳо аз ноилоҷӣ ширкат варзанд ҳам, майлу хоҳиш зоҳир наменамоянд, ки аз раванди дарс чизеро фаҳманд ва фикру хаёлашон ҳамеша ба бозӣ банд аст.

Дар зербоби 1.2. бештар дар бораи бозиҳои асосии компютерӣ ва таъсири онҳо ба ҳолати солимӣ ва рафтори агрессивии донишҷӯён сухан меравад. Бозӣ – қисми ҳаёт ва фаъолияти фард мебошад, ки ба шартан амсиласозии инкишофи фаъолияти инсон равона гардидааст. Бозӣ барои инсон як шакли фаъолият дар ҳолатҳои гуногун ба ҳисоб меравад, ки тавассути он таҷрибаи ҷамъиятӣ ҳосил гардида, инсон хешро бештар устувор дарк намуда, дар фаъолияти ичтимоӣ эҳсос менамояд.

Бозӣ гуфтан мумкин аст, ки як намуди худро зоҳир намудани фард мебошад. Дар бозиҳои компютерӣ ҳар як душмани кушташуда, ҳал кардани масъалаҳои фикрӣ, андешаи худбаҳодиҳии бозигарӣ компютериро баланд мегардонанд. Ғайр аз ин, бозигар аз уҳдаи кадом мушкилоте дар бозӣ набарояд, онро такроран ичро менамояд, то дараҷаи асабоният. Дар ҳолате, ки кӯшиши муқаррар натиҷа надиҳад, ба асабоният мерасад.

Шаклҳоии асосии бозиҳои компютерӣ инҳоянд: 3 D - шутерҳо, «Оворагон - тирандозҳо», ки дар чунин шаклҳои бозӣ, чун анъана, бозигар бо компютер дар танҳоӣ амал намуда, душманонро тавассути аслиҳаи сард ва оташфишон бо мақсади расидан ба ҳадаф нест менамояд.

Бозиҳои «Хунини» шутерҳо - моҳияташон дар он мебошад, ки миқдори бузургтарини душманонро тавассути бозиҳои компютерӣ нобуд месозанд. Як бозигар бо чусту чолокӣ метавонад гурӯҳи сершумори ба сӯяш ҳаракаткунандаро нест созад.

Шакли дигари бозиҳо - Файтингҳо ва аркада мебошанд, ки асосии онро ҳарбу зарби ҷанги дастӣ ташкил медиҳад. Ҷавонони чунин бозиҳоро тамошо карда, лаззати онро чашида, ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки онро дар амал татбиқ намоянд. Аркада як шакли бозиест, ки дар он бозигар бояд зуд амал намояд, ки он аз натичаи чолокӣ ва реаксияи бозигар вобаста мебошад. Хатари он низ дар он мебошад, ки ҷавон ҳамон чустию чолокии дидаашро мехоҳад дар амал санҷад ва оянда пайравӣ намояд.

Бозиҳои техникӣ – объектҳои мураккаб, ки бо ёрии компютер рафтори ҷисмонии инсон дар идора намудани объектҳои мураккаби техникӣ, ба монанди: қиркунандагони ҳавоӣ, танк, автомобилҳо сурат мегирад. Бозигар метавонад, бо пуррагӣ ва воқеӣ ин объектҳо, мошин, киштӣ, тайёра, киштии зериобӣ ва дигар техникаро идора намояд.

Бозиҳои *аркадӣ.* Дар ин навъи бозӣ пеш аз ҳама, ба фаъолияти ҷисмонӣ мутобиқ намудани танзимбахшандаҳои киштиҳои кайҳонӣ ва мошинаҳои гуногун зарур мебошад.

Бозиҳои *варзишӣ*, ки асоси ин бозиҳоро бозиҳои ниҳоят паҳнгардида - футбол, хоккей, баскетбол, волейбол, теннис, голф, билярд, бокс ва бозии бе низом (бой без правило) ташкил медиҳад.

Бозиҳои *иқтисодӣ* - танзимбахшандаи иқтисод, ки баъзан ба жанри стратегия ворид гардида, ба ифодаи иқтисодӣ, ҷараёнҳои бозаргонӣ, тиҷорат, соҳибкорӣ меравад ва дар он мақсади бозигар роҳбарӣ ба корхона ва ба даст овардани фоида мебошад.

Бозии *стратегӣ*. Бозиҳое, ки банақшагирӣ ва коркарди стратегияи муайяни амалиётро барои ба даст овардани мақсади муайян, яъне ғалаба дар амалиёти ҳарбӣ пешбинӣ менамояд. Дар чунин ҳолат тафаккур инкишоф ёфта, муҳокимаронии бозигар нозук гардида, донишу маҳорати ӯ барои вазъиятро зери назорат қарор додан боло мегирад.

Бозии *корнамӣ, овоза* - як шакли машҳургардӣ мебошад, ки дар он бозигари идоракунандаи манзара бо олами бозӣ ҳамкорӣ намуда, тавассути истифодабарии ашё, муошират бо дигар персонажҳо ва ҳалли вазифаҳои мантиқӣ, хешро намоён мегардонад (ё аз худ дарак медиҳад).

Аломатҳои хусусиятноки бозиҳои нақшӣ: дар қаҳрамони асосии бозӣ, дигар иштирокчиён ва душманон як қатор сифатҳо мавҷуданд, (маҳорат, тавсифот, малака, дониш), ки қувва ва тавоноиро муаррифӣ менамояд.

Бозиҳои компютерии нақшӣ: сифати асосии онҳо дар он зоҳир мегардад, ки таъсири максималиро ба равон ва рафтори бозигарон мерасонад. Махсусан, дар давраи ба бозиҳои нақшӣ «ворид гардидан», дар нақш мақом гирифтани бозигар, ӯро торафт аз олами воқеӣ дур гардида, ба олами тахайюлӣ ворид месозад.

Олимони соҳаи педагогика ва психология бар он андешаанд, ки «стреляки» ҳамчун сюжети одӣ тавсиф карда мешаванд, ки онҳо дар зӯроварӣ асос ёфта, метавонанд ба донишҷӯён таъсири манфӣ расонида, сабаби аз ҳад зиёд агрессивӣ гардидани онҳо гарданд.

Чунин бозиҳоро ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст: тақсимот аз рӯи се аломат рӯй медиҳад, аз рӯи хусусияти таъсиррасонӣ ба иштирокчиёни бозӣ, аз рӯи қувваи ба худ «кашанда» - и («засасывания») бозӣ ва аз рӯи дарачаи воридшавӣ ба умқи бозӣ ва вобастагии психологӣ.

Шакли дигари бозӣ, бозии роҳбарӣ мебошад, ки ба иштирокчиён ҳуқуқ дода мешавад, ки ба фаъолияте роҳбарӣ намоянд, ки қаҳрамонони компютерӣ ба он итоат кунанд. Ба бозӣ машғул шуда, ҷавон метавонад сардори тамоми тахассусҳо: командири отряди таъйиноти махсус, сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ, роҳбари давлат, ҳатто Худо, ки тамоми ҳодисаҳои оламро сарварӣ менамояд, гардад. Дар натиҷаи он иштирокчӣ дар монитор персонажи худашро дида наметавонад, балки худаш дар бораи чунин мавқеъ андеша намуда, орзу менамояд, ки дар ҳақиқат, чунин бояд бошад ва барои дар чунин мавқеъ қарор гирифтан талош меварзад, ки хоҳнохоҳ равони ӯ осебпазир мегардад.

Ба бозиҳои ғайринақшӣ бозиҳоеро ворид намудан мумкин аст, ки фаврияти реаксия ва майнаобкуниро талаб менамоянд. Дар ин раванд бозигар ё иштирокчӣ чиро бояд татбиқ намояд, тез ҳаракат намояд, тез паронида навбатро дар даст нигоҳ дорад, қаҳрамони тахайюлиро идора намояд, мошин ва мототсиклро идора карда тавонад.

Бар замми ин, дар шароити муосир чунин шакли бозиҳо мавҷуданд ва машҳур гардидаанд:

Бозиҳои шабакавӣ – шакли махсуси бозиҳои гуногун мебошанд, ки дар худ бозӣ ва муоширати бевоситаро бо як ё якчанд одам дар назар дорад. Бо ин роҳ онҳо диққати дигаронро ба худ ҷалб намуда, бисёр истифодабарандагонро ба худ моил менамоянд.

Бозиҳои серҳаракат. Ба он бозиҳои компютерии қарта, рулеткаҳо, автоматҳои бозӣ, казино ва ғайраҳо дохил мешаванд. Оҳанги он – хоҳиш, шавқи пул, даромад кардан мебошад, ки оқибаташ одаткунӣ ва нохушӣ мебошад. Волидон бояд ҳамеша ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» пайравӣ намуда, вақти ба хона баргаштани фарзандонро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳанд.

Бозиҳои пешгӯикунанда, пулгузорӣ, намудҳои гуногуни бозиҳои биржавӣ - бозиҳои букмокерии пешгӯии тақдири бозиҳои варзишӣ, пулгузорӣ дар дави аспҳо, ҷанги сагҳо ва ғайраҳо хеле зиёд паҳн гардидаанд. Давраи наврасӣ ва ҷавонӣ – мушкилтарин ва мураккабтарин давраи ҳаёт мебошад. Лекин афсӯс, ки на ҳама волидон инро дуруст дарк менамоянд. Ин давра давраи то ба шахсият ташаккул ёфтани ҷавонон мебошад, ки дар ин ҳолат ӯро бо проблемаҳо дар ҳаёт танҳо гузоштан мумкин нест.

Ба сифати оқибатҳои нохуш аз муносибати оилавӣ ва бозиҳои компютерӣ, танг гардидани доираи шавқу ҳаваси ҷавонон, кӯшиш барои ташкил намудани ҷаҳони хеш, баромадан аз воқеият ва ворид гардидан ба олами тахайюлӣ шуда метавонад.

Олимони олмонӣ исбот намуданд, ки мағзи бозигари бозиҳои компютерӣ ҳодисаҳои дар олами тахайюлӣ рӯйдиҳандаро ҳамчун ҳодисаҳои воқеӣ қабул менамояд. Тавассути бозиҳои компютерӣ хотира, диққат, нутқ, амалҳои мақсадноки фаъолиятӣ ва бутунии қабул суст ва заиф мегардад.

Педагогикаи муосир талаб менамояд, ки роҳу усулҳоеро пайдо намудан зарур аст, ки пеши ин даҳшат гирифта шавад. Беҳуда нест, ки дар толорҳои компютерӣ мониторҳо бо шишаҳои устувор пӯшонида шудаанд, курсиҳо одатан сабуканд: баъзан ҷангу ҷанҷолҳо аз майдони бозӣ ба толор мегузаранд ва дар ин раванд на танҳо мушт, балки аз дигар ашё истифода мебаранд. Ин дар олами бозӣ ба одат табдил ёфта, намунаи рафтор барои ҷавонон мегардад.

Компютер ва ба олами тахайюлӣ ворид шудани ҷавонон дар назари аввал чизи бе зиёну зарар менамояд, аммо аз он ҷавонон ҳам зарари ҷисмонӣ ва ҳам зарари маънавӣ мебинанд. Бояд донист, ки шиддати қаҳру ғазабро аз ҷисми ҷавонон бартараф намудан аз инкишофи фардии ӯ ва сифатҳои ичтимоию шахсиатиаш вобаста мебошад. Маҳорат, мақсад ва ҳадафҳое, ки ҷавонон дар ҳаёти воқеӣ ноил гардидаанд, ба онҳо имконият медиҳад, ки бо олами тахайюлӣ ворид гардад ва онро бе дардмандӣ тарк намояд.

Лофтус дар озмоишҳои худ ба хулосае омад, ки қариб 65 % истифодабарандагони сабтҳои видеоӣ ва бозиҳои компютерӣ, дар натичаи дуру дароз банд шудан ба бозӣ мондашавии дасту пой, панҷаҳо, даст ва кафи дастро ҳис менамоянд, ки инро инкор кардан мумкин нест.

Таҳқиқотҳои гузаронидаи мо собит намуданд, ки бе танаффус ва дуру дароз машғул шудан ба бозиҳои компютерӣ дар давоми як моҳ, ба дарди бофтаҳои пайвандҳо оварда мерасонад. Дар раванди таҳқиқи мавзуъ диққати асосии хешро ба омӯхтани соҳаҳои гуногуни таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта муттамарказ намуда, ба хулосае омадем, ки аз меъёр зиёд машғул шудан ба чунин бозиҳо, сабаби пайдоиши бемориҳои гуногун дар ҷисми ҷавонон мегардад. Ба чунин бемориҳо мисол шуда метавонад бемории пайвандҳо, бофтаҳо, мондашавии дастгоҳи такя ва ҳаракат, мондашавии чашмҳо ва суст гардидани гардиши хун ва ғайраҳо.

Мушкилоти дигари бозиҳои компютерӣ, мутобиқи андешаи табибон ва бисёр муоинагарони тиббӣ, дар он ҷавононе мушоҳида мешавад, ки вақти зиёди худро дар пеши монитори технологияи нави иттилоотӣ бо бозиҳои компютерӣ мегузаронанд, онҳоро хатари гирифторшавӣ ба бемории наздикбинӣ (близорукостю) таҳдид менамояд. Бояд қайд кард, ки дар ҳудуди 70 % одамони калонсол бо сабаби аз ҳад зиёд истифода бурдан аз технологияи компютерӣ ва бозиҳои компютерӣ аз симптоми бемориҳои гуногуни чашм азият мекашанд. Таҳқиқоти баргузорнамудаи Антонит ва Меллон дар соли 2003 аз он шаҳодат медиҳад, ки машғул шудани ҷавонон ба бозиҳои компютерӣ сабаби асосии паст гардидани маърифати онҳо гардида, ҳамин тавр барои ноил гардидан ба ҳадафҳои шахсӣ ва ҳосил намудани муваффақият дар ин ё он соҳа монеъ мешавад.

Ин андешаҳоро дар асарҳои хеш оид ба бозиҳои компютерии хусусияти реаксионидошта олимон Паркер, Тэйлор, Эстебрук, Шелл, Вуд пайравӣ менамоянд. Илми педагогика бештар тарафдори баланд бардоштани маърифати педагогии волидон мебошад, ки тағйироти ахлоқӣ ва муносибати фарзандонро мушоҳида намуда, бо муассисаи таълимӣ дар робитаи

доимӣ қарор гиранд. Донанд ва дарк намоянд, ки сабаби хашмгинии фарзандонашон дар чист? Чаро фарзандон аз рӯирост бо онҳо муошират кардан мегурезанд? Чаро муносибаташон дар оила сард аст? Сабаби парешонхотирии онҳо дар чист? Чаро ба чизе ҳавас надоранд ва бештар танҳоиро меписанданд?

Таҳқиқотчиёни ҷудогона дар соҳаи назарияи ахлоқ, аз ҷумла З. Фрейд ва Лоренс, андешаеро пайравӣ менамоянд, ки мутобиқи он, хашму ғазаб аз худ рафтореро ифода менамоянд, ки хусусияти инстинктиви аҷодиро ифода мекунад.

Лоренс андеша дорад, ки татбиқ намудани энергияи дар ҷисми инсон ғунгардида, хусусияти конструктивиро дар худ пайдо намуда, дар машғулиятҳои варзишӣ ё бозиҳои гуногун хориҷ мегардад, набошад, хусусияти деструктивиро дар худ касб намуда, ба инсон зарар мерасонад. Агар инро бо забони педагогӣ ва психологӣ гӯем, амалӣ намудани энергияи мазмуни деструктивидошта метавонад дар чунин рафтори манфии ҷавонон, ба монанди ҷанг, дуздӣ, куштор зоҳир гардад. Аз ин мавқеъ З. Фрейд баромад намуда, пешниҳод менамояд, ки хашмгинӣ табиати нохуш ва деструктивӣ дошта, инсон дар ин раванд қобилияти дарк намудани оқибати амалашро надорад. Педагог ва психологҳо самтҳои асосии мубталоии бозиҳои компютериро бо маводи мухаддир, нӯшокиҳои спиртӣ ва дигар мубталоҳои анъанавӣ дар муқоиса баробар медонанд.

Бо дар назардошти таҳқиқоти мазкур, гуфтан мехоҳам, ки динамикаи инкишофи вобастагии компютерӣ дорои шаклҳои зерин мебошад: Дар аввали машғулшавӣ ба давраи одаткунӣ бурда, инсонро ба чашидани лаззат ("входит во вкус") ворид менамояд, пас, давраи инкишофи шадид рӯй медиҳад, ки ин тобеиятро ташаккул медиҳад.

Давраи тобеият. Мутобиқи андешаи психологҳо, ҳамагӣ 10 - 14 % бозигарони бозиҳои компютерӣ ба компютер вобастагӣ пайдо менамоянд. Тобеиятро дар як ё ду шакл номбар намудан мумкин аст: дар раванди иҷтимоишавӣ ва шахсиятӣ. Ин гурӯҳи одамон якҷоя бозӣ карданро тавассути шабакаи компютерӣ ниҳоят дӯст медоранд. Ин мақоми бозии онҳо хусусияти мусобиқавиро ноил мебошад. Ин шакли тобеъшавӣ ба бозӣ чандон барои равони инсон зараровар намебошад, дар муқоиса бо бозиҳои шакли шахсиятӣ.

Оид ба хусусияти таълимии бозиҳои компютерӣ: Хусусият ва шаклҳои махсуси онҳо гуфтан мумкин аст, ки бозиҳои компютерӣ асосан аз солҳои 70 - уми асри ХХ рӯ ба паҳншавӣ ниҳоданд. Бозӣ - як шакли қадимии фаъолияти инсон буд, аммо бисёр қонунҳои дидактикӣ, талабот, қоидаҳои бозӣ то ҳол кушода нашудаанд, ки инро ҷараёни муосири таълиму тарбия талаб менамояд. Масалан, барои омода намудани афсарон аз бозиҳои компютерии ҳарбӣ, барои омода намудани ҳунармандони театру синамо аз бозиҳои манзаравӣ - нақшӣ, барои тоҷирон ва роҳбарон - машқҳои махсус бо мақсади ташаккул додани салоҳиятҳои фаъолияти корӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад.

Бозиҳои компютерии таълимӣ бояд 3 вазифаи асосиро ичро намоянд:

- дастгоҳӣ - ташаккул додани маҳорат ва малакаи муайяни таълимӣ;
- маърифатӣ - ташаккул додани дониш ва инкишофи тафаккури донишҷӯён;
- иҷтимоӣ – психологӣ - инкишофи маҳорати муошират ва зоҳир намудани ахлоқи ҳамида.

Аз мавқеи метод, ҳадаф ва махсусият, бозиҳои омӯзишӣ ба чунин намудҳо тақсим мешаванд:

- бозиҳои тақлидӣ дар таҳсилоти касбӣ истифода бурда мешаванд, ки мақсади он ташаккул додани маҳоратҳои истеҳсолӣ мебошад;
- бозиҳои манзаравӣ – нақшӣ - дар ибтидои онҳо ҳолатҳои мушаххас қарор доранд - онҳо ифодакунандаи ҳаёт, кор, маҳоратанд, ки гузориши театриро мемонанд ва ҳар як ширкаткунанда дар он нақши муайянро мебозад;
- бозиҳои инноватсионӣ - фарқияти онҳо аз дигар шаклҳои бозӣ дар таркиби серҳаракатӣ мебошад, ки гузаронидани бозӣ бо якчанд нафар омӯзандаи инкишофдиҳандаи «фазо» - мисол, бо истифодаи барномаи компютерӣ татбиқ мегардад. Бозиҳои инноватсионӣ

сафарбар мегарданд ба ҳосил намудани дониш бо истифодаи навтарин технологияи педагогӣ ва иттилоотӣ дар ташкили фаъолияти педагогӣ.

Ба сифати яке аз методҳои самараноки бозӣ метавонад бозии корӣ баромад намояд. Дар ҷараёни ин амсиласозӣ ҳолати проблемавӣ муайян мегардад, ки мақсади бозӣ ҷустуҷӯи роҳи ҳалли масъала мебошад. Бозиҳои корӣ ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳам дар таҳсилоти касбӣ гузаронида мешаванд. Моҳияти ин шакли бозӣ дар он мебошад, ки он муносибати ҳамкориро байни омӯзгор ва донишҷӯён устувор мегардонад.

Ба фикри мо, бозиҳои корӣ чунин амалҳоро ёд медиҳанд:

- муқобил гузоштани андешаи худ, бо андешаи дигар иштирокчиёни бозӣ;
- баҳо додан ба мақсад ва имкониятҳои хеш;
- афзоиши эҳтиром ва боварӣ аз ҷониби гурӯҳ;
- пайдо намудани роҳи баромадан аз ҳолати моҷаро, дар фазои корӣ ва муошират байнишахсиятӣ;
- дарк намудани мавқеи рафтории хеш;
- ичро намудани нақшҳои гуногуни вазифавӣ.

Оид ба мавқеи бозиҳои нақшӣ М.И. Маҳмудов таъкид менамояд, моҳияти ин технология аз он иборат аст, ки ҷанбаи маърифатиро инкишоф дода, фаъолияти ичтимоӣ ва касбиро бедор менамояд, дар донишҷӯён хоҳиши ширкат варзидан дар бозиҳои кориро тақвият мебахшад.

Дар ҷаҳони муосир бозӣ на танҳо дар таълими расмӣ истифода бурда мешавад, балки берун аз таълими расмӣ аз он васеъ истифода мебаранд. «Бозиҳои ҷиддӣ» - бозиҳои ёддиҳанда мебошанд, ки барои истифода дар таълим коркард гардида, таркиби аниқи хешро доро мебошанд.

Олимон диққати бештарро ба таъсири бозӣ ба фаъолияти таълимӣ, ичтимоӣ ва солимии бозигар равона менамоянд. Бен Сойер, яке аз асосгузорони Конференсияи бозиҳои ҷиддӣ, дар ҳамкорӣ бо Питер Смит, ки дар Донишгоҳи марказии Флорида фаъолият менамояд, чунин меҳисобанд, ки тамоми бозиҳоро «ҷиддӣ» номидан мумкин аст. Мухолифати байни муоинагарон, тамринчиён, омӯзгорон ва мансабдорони давлатиро кас дида, ба роҳгумӣ ворид мегардад. Онҳо кӯшиш менамоянд, муайян созанд, ки кадом бозиҳоро барои натиҷанок гардидани сифати таълим истифода бурдан мумкин асту кадомҳоро не.

Вобаста ба таркиби бозӣ, ҷаҳони он бояд мақсаднок, созанда ва диққатҷалбкунанда бошад, дар он бояд аломатҳои ногаҳонӣ ва рамзӣ ҷой дошта бошанд, ки бозиро ҷолибу дилкаш гардонад. Даъват ба бозӣ бояд онро дар назар дошта бошад, ки барои инсон то кадом андоза он манфиатовар аст. Бозиҳое, ки мутлақо ба инсон манфиатовар набошанду чизеро дар инкишофи рӯҳию ҷисмии инсон таъмин карда натавонад ба муқовимати ҷомеа гирифтор мегардад. Ҷараёни бозиро ҷомеа омӯхта, онро дастгирӣ ва дар таълим ичозат медиҳад ё аз раванди таълим берун менамояд.

«Бозӣ яке аз фаъолияти фундаменталии мавҷудоти зинда буда, бо инсоният якҷо ба вуҷуд омадааст. Аз ибтидои маданияти инсоният маълум аст, ки ё одамон бозиро аз худ намуданд, ё бозӣ ба ҳаёти одамон ворид шудааст. Дар давраҳои қадим бозӣ ва инкишофи он дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ворид гардида — дар шакли ҷанг, сиёсат, санъат, савдо, муносибати мард бо зан бараъло ҳис карда мешуд.

Фармондеҳи машҳур Наполеон тарафдори истифода бурдани бозӣ дар харита буд, ки бо ин роҳ метавонист амалиёти ҳарбиро ба таври пухта нақшабандӣ намояд. Дар Россия бозиҳои ҳарбиро Пётри I дар ҳаёт татбиқ намуда, ӯ ташкилкунандаи «Қисмҳои ақибгоҳӣ» маҳсуб меёфт. Дар замони ӯ «Потешное войск» барои гузаронидани чорабиниҳои машқӣ ва коркарди манёврҳо машқҳои зиёде мегузарониданд.

Дар охири асри 18 кӯдакон тавассути бозӣ алфавитро аз худ менамуданд, дар соли 1886 капитан Н.А. Сикалов бозиеро «Барои ёд додани аскарон, қӯшунҳои пиёдагарду қаторӣ, оинномаи армияи подшоҳӣ» ихтироъ намуд, ки хусусияти маърифатӣ ва ватандӯстӣ дошт.

Соли 1932 аввалин шуда дар Иттифоқи Шуравӣ бозиҳои корӣ баргузор карда шуданд: «Навсозии истеҳсолот дар робита бо тағйирёбии ҷиддии барномаҳои истеҳсолӣ», ки муаллифи он – Мария Бирштейн буд. Аз тарафи дигар, дар шароити муосир, ки техникаю технологияи иттилоотӣ торафт инкишоф ёфта истодааст, шаклҳои нави бозиҳо пайдо гардиданд. Тамошои филмҳои телевизионӣ, аз як тараф ва рақобати технологияи пурзӯр дар бозори ҷаҳонӣ, инчунин, мавҷудияти бозиҳои бачагонаи хусусияти агрессивидошта ташвиши падару модарон, мутахассисонро, ки дар соҳаи бозиҳои компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ кор мекунанд зиёд намуд.

Дар миёни солҳои 70 - ум, 90 % амрикоиёни ҷавон, 60 – 90 % наврасони фин, тахминан дар дараҷаи ҳамин нишондод, наврасон ва ҷавонони тамоми мамлакатҳои дунё, худро бо бозиҳои компютерӣ тасалло медоданд. Ташвишовар он мебошад, ки дар шароити муосир ҷавонон вақти бештари худро дар бозиҳои компютерӣ мегузаронанд. Таҳқиқоти дар соли 2005 баргузорнамудаи олимон Робертс, Файер ва Райдавт дар Амрико нишон дод, ки категорияи кӯдакони аз 8 то 10 - сола ба таври миёна, ҳамарӯза то 65 дақиқаи вақти хешро дар бозиҳои компютерӣ сарф менамуданд. Мутобиқи ин таҳқиқот, кӯдакони сини 10 - 14 - сола ҳар рӯз 52 дақиқаи вақти хешро сарфи бозиҳои компютерӣ мегардонанд. Ин нишондод дар байни одамони аз синни 18 то 33 - сола 15 дақиқаро ҳар рӯз ташкил медод.

Таърихи пайдоиши бозиҳои компютерӣ, ба пайдоиши версияи ибтидоии бозиҳои компютерии «Пинг» дар соли 1972 дар шакли бозиҳои компютерии теннис барои ду нафар робитаманд мебошад. Дар охир бозиҳои компютерӣ инкишофи ояндаи хешро ноил гардида, дар шакли барномаҳои гуногун ва диски устувор коркард гардиданд.

Дар шароити муосир бозӣ ба беморие табдил ёфтааст, ки бештар дар нақлиёти ҷамъиятӣ мушоҳида мегардад, ҷавонон бо телефонашон банд шуда, ҳатто дарк наменамоянд, ки дар рӯ ба рӯяшон маъюбу солхӯрдае қарор дорад.

Зарари бозиҳои телефонӣ аз бозиҳои компютерӣ ягон фарқияте надорад, аммо ба ивази ҳама воситаҳои дастурдиҳӣ нигоҳ накарда, дар дасти баъзе донишҷӯён дар як вақт, ду - се телефонро дидан мумкин аст. Дар соли 1980, аз ҷониби Нин Тунд, низоми нав бо ҷадвали беҳтар коркард гардид, ки дар асоси он бозӣ бо бартарияти аломатҳои зӯроварӣ ҷой дода шуд.

Агар хулосаи боби якуми корро ҷамъбаст намоем, мавҷудияти зӯроварӣ ва бераҳмӣ дар бозиҳои компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ аввалин шуда аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ Ерон таҳқиқ карда шуд. Муаллифи мазкур дар давоми 22 сол дар ин самт таҳқиқот гузаронида, ба хулосае омад: одамоне, ки аз ҳад зиёд дилбохтагиро ба тамошои барномаҳои телевизор ҳис мекунанд, дар синни ҳаштсолагӣ, рафтори даҳал ва хусусияти фишороварирo ҳосил менамоянд.

Бисёр таҳқиқотҳо, ки аз тарафи муаллифони гуногун гузаронида шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки тамоми рафтори номатлуб, аз тақлид ба қаҳрамонони бозиҳои видеоии мазмуни зӯроваридошта ибтидо мегирад. Чунин тамошои бозиҳои компютерӣ ба он оварда мерасонад, ки дар рафтори ҷавонон он нусхабардорӣ гардида, дар ҳаёти доимии ҷавонон ва наврасон нақши худро боқӣ мегузорад, ки ин ниҳоят ба саломатӣ ва ҳаёти минбаъдаи ҷавонон хатарнок мебошад.

Дар боби дуюм 2, ки «Шароитҳои педагогии одаткунӣ ба бозиҳои компютерӣ ва зарари он ба таълим ва тарбия» ном гирифтааст, бештар дар бораи таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта дар паст гардидани давомоти донишҷӯён, ки таъсири он ба вайроншавии робитаҳои хонаводагӣ оварда мерасонад, ибрози назар шудааст.

«Афтидан» калимаи форсӣ-тоҷикӣ буда, «Паст гардидан», «Паст рафтан» (падение, упадок, снижение) - ро ифода менамояд. Дар зери мафҳуми паст гардидани давомоти таълимӣ, паст гардидани нишондиҳандаи умумии фаъолияти таълимии донишҷӯе фаҳмида мешавад, ки ба талаботи тарбиявӣ ва дидактики муассиса мувофиқат наменамояд.

Агар ба таври дигар гӯем, «Афтидан» гузариши сифатие мебошад, ки аз як дараҷаи баланди таълимӣ донишҷӯ ба дараҷаи дигари сифатӣ ва миқдорӣ мегузарад. Ин мафҳум

ҳатто мафҳуми диалектикӣ буда, робитаи мутақобилаи сифат ва миқдорро муаррифӣ менамояд.

Ҷадвали № 1.

Робитаи байни дараҷаи истифодаи бозиҳои компютерӣ бо давомоти таълимӣ

Коэффитсенти таълимӣ	**Дараҷаи истифодабарӣ**	**Коэффитсент**	**Дараҷа**
-.007	1 1	коэффитсенти коррелятисяи Пирсон	Дараҷаи истифо-дабарӣ
.837	.0	дараҷаи моҳиятӣ	
9968	11194	шумора, миқдор	
11	-.007	коэффитсенти коррелятсияи Пирсон	Коэффитсенти таълимӣ
.0	. 037	дараҷаи моҳиятӣ	
9 982	9 968	шумора, миқдор	

Аз ин мавқеъ, гуфтанӣ ҳастем, ки донишҷӯёни фаъол ва боинтизом низ метавонанд давомоти таълимиашон осеб бинад. Аз ин рӯ, тасдиқ намудан мумкин аст, ки давомоти таълимӣ, фаҳмиши умумӣ ва нисбӣ мебошад. Истифодабарии аниқи мафҳуми давомоти таълимӣ ё пастравии таълим аз забони муоинагарони иқтисодӣ ва муаллифони назарияҳои иқтисодӣ ба педагогика ворид гардидааст. Дар тарбия ва ба камол расонидани хонанда ва донишҷӯён мавқеи асосиро давомоти фаъолонаи онҳо ташкил медиҳад.

Аммо, агар ба проблемаи мавҷуда аз нуқтаи назари педагогӣ ва психологӣ назар андозем, мушоҳида мегардад, ки ҳар сол маблағҳои калон ба соҳаи таълиму тарбия чудо карда мешаванд ва низоми таълим ва тарбия яке аз муҳимтарин проблемаҳои иқтисоди миллӣ мебошад.

Таълими такрорӣ ё дар курсаш мондани донишҷӯ ҳамчун давомоти пасти таълимӣ баррасӣ карда мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳеҷ гоҳ донишҷӯёни дорои давомоти хуб ба рухсатии академӣ намераванд. Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар як ҷавони аз 16 то 18 - сола хоҳиши бозӣ карданро дар бозиҳои компютерӣ дорад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки писарон нисбати ба духтарон бештар ба бозиҳои компютерӣ сару кор мегиранд.

Дар шароити муосир васеъ паҳн гардидани бозиҳои дорои мазмуни агрессивӣ, бераҳмӣ ва инсонбадбинӣ ба бонги хатари ҷамъият табдил ёфтаанд. Паҳн гардидани ин ё он намуди бозиҳои компютерӣ аз дараҷаи ба наврасону ҷавонон маъқул будани онҳо вобаста мебошад. Як қадар нуфузи баландро бозиҳое доро мебошанд, ки ба чобукӣ ва ташаккули варзишӣ мусоидат мекунанд.

Ҷадвали № 2.

Гурӯҳи бозиҳои шадид ва бозиҳои агрессивӣ

Умумӣ	**Баҳои таълимӣ**					**Дараҷа**	
	аз 18 то 20	**аз 15 то 18**	**аз 12 то 15**	**аз 10 то 12**	**Миқдор ва фоиз**		
1132	1104	118	77	33	миқдор	кам	дараҷаи истифода
1100,0%	778,8%	113,6%	5 5, 3%	2 2, 3%	фоиз		
1195	1 153	440	22	00	миқдор	бисёр	
100.0%	778,5%	20.5%	1 1, 0%	0 %	фоиз		
3327	2 257	558	99	33	миқдор	Дар маҷмуъ:	
1100.0%	78,6%	117.7%	22.8%	9%	фоиз		

Ҷадвали № 3.

Дараҷаи моҳиятии саволнома

Дараҷаи моҳиятӣ	**Дараҷаи озодӣ**	**Миқдор**	**Эзоҳ**
008	33	111.764	Пайравон
-	-	4494	Миқдор

Дарачаи моҳиятии саволномаи робитаманди истифодаи бозиҳои компютерӣ бо давомнокии таълимӣ пасттар аз 0/05-ро ташкил медиҳад, ки вобаста ба он робита инкор карда мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи бозиҳои компютерӣ дар давомоти донишҷуён нақши намоён дошта метавонанд. Аммо вобаста ба робитаи мавҷуда шахсоне, ки вақти зиёди хешро дар бозиҳои компютерӣ мегузаронанд, дар муқоиса ба онҳое, ки бо бозиҳои компютерӣ камтар машғул мешаванд, нишондоди беҳтари таълимӣ доранд.

Дар воситаҳои ахбори омма маълумотҳои бисёре пайдо гардиданд, ки дар бораи хатари телефонҳои мобилӣ ва компютер, дар маҷмуъ ва бозиҳои компютерӣ, хусусан, ба равонӣ, солимӣ ва рафтори наврасону ҷавонон огоҳ менамуданд. Махсусан, 25 - уми декабри соли 2020 дар барномаи телевизиони Тоҷикистон, ки муассисаи давлатӣ мебошад, дар бораи зарари бозиҳои компютерӣ ва телефонҳои мобилӣ ба вазъи саломатии ҷавонон намоиши хуби маърифатӣ баргузор карда шуд.

Аммо сад афсӯс, ки наврасону ҷавонони мо ин чизҳоро кам сармашқи кори хеш менамоянд.

Ба ҳамагон маълум аст ва даллелҳое мавҷуданд, ки ҷавононе аз бозиҳои компютерӣ ва тахайюлӣ истифода мебаранд, ҳолати баланди эмотсионалиро ҳис менамоянд. Инчунин, дар онҳо миқдори зиёди фикрҳои агрессивӣ нисбат ба ҷавонони гурӯҳи назоратӣ мушоҳида карда мешавад, ки метавонад ба ҳолати давомот ва иштироки онҳо дар дарсҳо таъсир ворид намояд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баъзе донишҷӯён рафтори муътадил карда наметавонанд, ҳама вақт дар ҳолати қаҳру хашмнокӣ қарор доранд, ки ин дар зери кадом омиле қарор доштани онҳоро ифода менамояд. [98, с. 21.23].

Мутаассифона, имрӯз мо ба технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ муқобил баромада наметавонем ва дар тамоми самти ҳаёти инсон ҷойгоҳи асосиро ин технология ишғол менамояд. Хаётро бе ин технология тасавур кардан имконият надорад, аммо зарари бозиҳои компютериро таъкид кардани ҳастем, ки дар вуҷуди ҷавонон вайроншавии суръати (биниш), зуд -зуд мондашавии бозигар, авҷ гирифтани бемориҳои дил, суст гардидани гардиши хун, фарбеҳшавӣ ва ғайра дар зери таъсири он рӯй медиҳад.

Мо саволномаҳо тартиб дода, оид ба ин масъала бо 150 нафар донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз бахшҳои гуногун пурсиш гузаронидем, ки синни донишҷӯён аз 17 то 19 - соларо ташкил менамуд. Саволи аввали мо дар бораи киҳо дар хона компютери шахсӣ доранд робита дошт? Ҷавоб ошкор сохт, ки 86 % - и донишҷӯён дар хона компютер доранд. Киҳо дар хона компютер надоранд? Аз рӯи ҷавоб ба ин савол маълум гардид, ки 24 % - и донишҷӯён дар хона компютер надоранд, ки дар бахшҳои гуногун таҳсил менамоянд.

Ба бозиҳои компютерӣ мароқ зоҳир кардани онҳо низ гуногун буд: духтарон бештар бозиҳои маърифатӣ, расмкашӣ, бозӣ - саёҳат ва писарон бозии, дорои ҳаракату амалиёт, зӯроварӣ ва тирпароториро бештар меписандиданд.

Ҷадвали № 4.

Робитаи байни истифодаи бозиҳои компютериро вобаста ба мансубияти ҷинсии донишҷӯён

Умумӣ	**Ҷинс**		**Миқдор ва фоизҳо**	**Фаолият**	
	Писарон	**Духтарон**			
300	170	130	миқдор	бисёр кам	дарачаи истифода
44.4%	33.3%	66.4%	фоизи хат		
2224	1121	1103	миқдор	кам	
223.0%	119.8%	228.6%	фоизи хат		
3360	2219	1141	миқдор	қаноатбахш	
337.0%	335.8%	339.2%	фоизи хат		
2254	1179	775	миқдор	Бисёр	
226.1%	229.2%	220.8%	фоизи хат		
991	773	118	теъдод	ниҳоят кам	
99.4%	111.9%	55.0%	фоизи хат		
9972	6612	3360	миқдор	**Ҳамагӣ**	
1100.0%	1100.0%	1100.0%	фоизи хат		

Ҷадвали № 5.

Дараҷаи моҳиятии саволнома

Дараҷаи моҳиятӣ	Дараҷаи озодӣ	Миқдор	Эзоҳ
.000	44	331.140 (а)	Одаткунӣ (кайэскори пирсон)
-	-	9972	Миқдор: 0/ 0, 05

Дараҷаи моҳиятии саволномаҳои майлкунӣ байни дараҷаи истифодаи бозиҳои компютерӣ вобаста ба мансубияти ҷинсӣ дар доираи қариб 0/05 қарор мегирад, ки барои тасдиқ намудани фарзияи кор мавҷуд набудани робитаро рад намояд. Дар асоси маводи ҳосилнамуда тасдиқ намудан мумкин аст, ки байни дараҷаи истифодабарии бозиҳои компютерӣ ва дараҷаи ҷинсии бозигарон робитаи мантиқӣ вуҷуд дорад. Аз рафти таҳқиқот маълум гардид, ки писарон нисбат ба духтарон бештар ба бозиҳои компютерӣ банд мешаванд. Диаграммаи мутобиқати фоизии истифодабарандагони бозиҳои компютерӣ дар байни писарону духтарон нишон медиҳад, ки назорати волидон ба ин раванд торафт суст гардидааст.

Давомоти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистонро таҳлил намуда, ба хулосае омадем; ки давомот, инчунин, ба боло рафтани синну соли донишҷӯи паст мегардад. Агар дар бахши якум 21 % давомоти донишҷӯён паст гардад, дар бахши сеюм ин нишондиҳанда 40 % -ро ташкил медиҳад. Омили асосии ин раванд дар кучое сустӣ ё бепарвоӣ зоҳир намудани мақомоти идоракунандаи муассиса мебошад.

Таҳқиқотчиён ва ташхисгарони зиёд сабаб ва омилҳои асосии нобарории таълимиро дар ду категория мебинанд:

1. Омилҳои дохилӣ, ки ба низоми таълим дар муассиса мансубанд;

2. Омилҳои берунӣ, ки дар навбати худ, ба ду қисм тақсим мешаванд: а) иҷтимоӣ ва оилавӣ; б) инфиродӣ; сабабҳои фардӣ.

Пас аз он ҷавононро аз рӯи дараҷаи қаҳру ғазабнокӣ чунин тақсим намудем, ки натиҷаи зерин ба даст омад:

Ҷадвали № 6.

Дараҷаи қаҳру ғазабнокии ҷавонон ё донишҷӯён

Намудҳои бозӣ	Дараҷаи қаҳру ғазабнокӣ		
	Баланд	Миёна	Паст
Дар бозиҳои шадид бозӣ мекунанд	50	34	16
Дар бозиҳои шадид бозӣ намекунанд	27,5	16,6	5,9

Аз ин мавод бармеояд, ки дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷавононе, ки хоҳиши дар бозиҳои компютерии хусусияти зӯроваридошта иштирок карданро доранд, нишондиҳандаашон ниҳоят баланд буда, 91 % - ро ташкил медиҳад.

Бар зербоби 2.2. диққати асосӣ ба м**утобиқшавӣ ба бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ва таъсири он ба робитаҳои байни оилавӣ дода шудааст.**

Давомоти ғайриқаноатбахши таълимӣ ва нобарории мунтазами таълимии донишҷӯён дар давраи давомнокии ҷараёни таълим аз ҷониби оила ниҳоят дарднок қабул карда мешавад. Ин омил дар бисёри ҳолат сабаб мегардад, ки волидон ва дигар аъзои оила муносибат ва назари пешинаи хешро нисбат ба хонанда ё донишҷӯ тағйир дода, муносибатҳои дохилиоилавӣ торафт тезутунд мегардад.

Падару модарон дар ин раванд бояд кадом амалҳоро анҷом диҳанд:

- дар асоси боварии байниҳамдигарӣ роҳи ҳалли мушкилотро пайдо карда, пеши роҳи тобеъшавиро гирифтан;

- бо забони фаҳмо, ба таври ошкоро бояд мефаҳмониданд, ки асри XX1 асрест, ки бе маълумоту касб кас зиста наметавонад;

- барои бад нагардидани муносибатҳои оилавӣ мо ба шумо ду - се ҳафта вақт медиҳам, то дар таҳсилатон ислоҳ ворид намоед, тавзеҳ медиҳанд волидон;

- мо аз ту умеди калон дорем ва боварӣ дорем, ки аз уҳдаи ин амал бо сарбаландӣ мебарой;

- ба назди куратор ва омӯзгорон рафта, дар якҷоягӣ роҳи ҳалли масъаларо пайдо намудан;

- бо суханони навозишкоронаи тарбиявӣ, аз қабилии ягона умеди ман шумоед, хоҳиш мекунам, моро ноумед накунед. Ин гуфтаю муносибат дар вуҷуди фарзанд оташи нангу номусро бедор намуда, ӯро ба таҳсили босифат равона менамояд.

Лоренс дар равиши муносибати этологӣ қаҳру ғазабро ҳамчун натиҷаи мубориза барои мавҷудият мавриди назар қарор додааст. Олимон А. Бандур, Л. Берковетс, Д. Доллард, Н. Мюллер бошанд, рафтори даҳалу зӯровариро бо робитаҳои иҷтимоӣ пайвастаанд, ки бо андешаи мо, чандон мувофиқ намебошад.

Қайд кардан бомаврид аст, ки як қатор омилҳои иҷтимоӣ дар муҳити инсонӣ мушоҳида мегарданд, ки дар ташаккули рафтори агрессивии ҷавонон мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Дар таҳқиқоти мазкур қисме аз ин омилҳоро номбар намудан мумкин аст:

1). Дар масофаи калон аз сатҳи баҳр зистан ва нокифоягии маводи ғизоӣ. Ин таҳқиқотро олимон бештар дар байни қабилаҳои сурхпӯсти “Куло” дар “Мияле Андроперу” баргузор намуданд, ки аъзои ин ҷомеа одамони бадхашмтарин ба шумор мераванд. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки дар ин минтаҳа (мавқеъ) сабаби ба худ хос маҳфуз аст:

а) зиндагӣ дар баландии бениҳоят аз сатҳи баҳр, нокифоягии маводи ғизоӣ ва таркиби носолими хӯрок;

б) хоидани баргҳои кокӣ, ки дар таркиби онҳо кокоин мавҷуд аст, сабаби ангезандаи қаҳру ғазаб мебошад;

в) дар натиҷаи истеъмол кардани баргҳои кокоин, инсон ҳолати муваққатии сабукрӯҳиро ҳис менамояд. Аммо муддати дароз хоидани баргҳои кокоин таъсири бад ба ҷараёни мубодилаи ашё ворид намуда, инсонро ба ҳолати қаҳру ғазаб мерасонад;

д) дар ҷамъияте, ки мафҳуми зӯроварӣ, ҳамчун “рафтори муқаррарии одии иҷтимоӣ” фаҳмида мешавад.

2) Дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии зуроварӣ бо мақсади расонидани зарари ҷамъиятӣ - фарҳангӣ. Баъзан дар ҳолатҳои ҷудогона, масалан, дар вақти ҷанг ё дигар ҳолатҳои таъҷилӣ, мумкин барои зоҳир намудани ҳиссиёти зӯроварӣ дар рафтори инсон дар ҷамъият ҳавасманд гардонида шавад. Албатта, дар чунин ҳолатҳо дар андеша, амал ва рафтори аъзои ҷамъият далелҳое пайдо мешаванд, ки рафтори иртиҷоиро тарафдорӣ менамоянд. Худи ҷамъият дар чунин лаҳзаҳо қуввае дорад, ки ташаккул додани эҳсоси қаҳру ғазабро дар маҷмуъ, дар одамон бедор менамояд.

3) Ҳолатҳои гуногуни иҷтимоӣ ва зуҳуроте, ки одамонро ба зоҳир намудани қаҳру ғазаб водор менамоянд. Ба онҳо чунин мухолифатҳои иҷтимоӣ, монанди маҳдудкуниҳо, монеаҳо, поймолкунии меъёрҳои ҳуқуқ ва беқонунӣ мисол шуда метавонад. Ҳамаи ин дар маҷмуъ заминаро барои ташаккул ёфтани амсилаи зӯроварӣ дар ҷамъият муҳайё месозад.

4) Мавқеи воситаҳои ахбори омма. Ба сифати дигар омили иҷтимоӣ - фарҳангӣ, ки дар пайдоиш ва баланд гардидани оташи қаҳру ғазаб мавқеи асосиро ишғол менамояд, воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, телевизион, газета ва маҷаллаҳоро ном бурдан ҷоиз мебошад.

5) Мавқеи бозиҳои компютерӣ дар ташаккули зӯроварӣ. Волидон бояд ҳамеша кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки фарзандонро нозпарвар тарбия нанамоянд. Волидон худ итоаткори фарзандон не, балки фарзандонро дар итоати хеш нигоҳ доранд. Аммо якравӣ ва саркашии ҷавон дар инкишофи шахсияти онҳо ташаккули мустақилияти онҳо ниҳоят муҳим ва зарур мебошад.

Мутобиқи андешаи З. Фрейд, се методи асосии амалӣ намудани сабукшавии психологӣ ё озод шудан аз қаҳру ғазаб мавҷуд аст:

а) бо зиёд кардани шаклҳои гуногуни фаъолияти ҷисмонӣ, бозиҳои варзишӣ, аз ҷумла, тавассути бокс, давидан, паридан;

б) бо роҳи ба худ тасаввур намудани ҳолатҳои ғайривоқеии қаҳру ғазаб, ҳиссиёти агрессивии хусусияти недеструктивӣ дошта;

в) амалҳои рӯирости хашму ғазабнокӣ ба муқобили субъекти офаридашуда бо мақсади расонидани зарари ҷисмонӣ.

Волидон бояд бо фарзандон дар ҳалли проблемаҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳамкорӣ намоянд, ҷавонони майл ба рафтори даҒал ва зӯроваридоштаро низ ҳавасманд гардонанд. Волидон, инчунин, бояд ширкати фарзандонро дар корҳои якҷоя ва гурӯҳӣ дар чорабиниҳо таъмин намоянд ва аз он натиҷагирӣ намуда, аз ибрози суханони тарбиявӣ худдорӣ накунанд. Ҳамаи ин тадбирҳо ба он оварда мерасонанд, ки ғазабнокии баланди ҷавонон аз байн рафта, ба ҳаёти муъҳадил бармегарданд. Аз ҷониби дигар, тамоми ин мураккабиҳои умумӣ, дар муносибатҳои байни оилавӣ, самаранок ошкор намудани сабабҳои асосии ба ғазаб оварандагон ва ташаккул додани тамоили эҳсосотӣ ва хурӯшандаи онро дар кӯдакон ва ҷавонон ошкор намудан мебошад.

Имрӯз дар зери таъсири бозиҳои компютерӣ ва дигар омилҳо, робитаҳои дохилиоилавӣ ниҳоят суст гардидаанд. Муносибатро бо фарзандон тавре ба роҳ мондан зарур аст, ки ягон амали мо ба иззати нафси онҳо нарасад. Ин рафтор метавонад бовариро ба вуҷуд оварда, ҷавононро дамдузд ва пӯшидаасрор нагардонад. Вобастагии компютерӣ яке аз бадбахтиҳои асри XXI ба шумор рафта, дар шароити муосир қайд кардан мумкин аст, ки ин зуҳурот бо мубталоии маводи мухаддир ва нӯшокиҳои спиртӣ аз рӯи хатарнокӣ дар як қатор меистад.

Воситаҳои ахбори омма моро огоҳ менамоянд, ки вобастагӣ аз бозиҳои компютерӣ ба ҳаёти тамоми одамони рӯи замин таҳдид менамояд ва хатар дорад. Соли 2005 волидон мурдаи духтари хитоиеро пайдо намуданд, ки чанд шабу рӯз аз бозии компютерӣ набаромада буд. Соли 2007 ҷавони британиягӣ аз сабаби волидон ба ӯ манъ кардани бозии компютерии Halo 3, волидонро паронида, ба марг расонид. Ин ҳодиса дар шаҳри Уфаи Россия, дар назди монитори компютер ҷавоне ҷон дод, ки бозии охирони худро дар DotA мегузаронид ва аз сабаби дуру дароз беҳаракат дар паси монитор қарор гирифтан узвҳо баданаш канда шуданд (тромб) ва ба марг расид.

Ба таъриҳи мубталошавӣ ва инкишофи бозиҳои мафтункунанда муроҷиат карда, бо бисёр гуфтаҳои мардуми Ҳиндустон, Филиппин, Хитой, Япония ошно гардидан мумкин аст. Дар онҳо нақл карда мешавад, ки мардҳо ба сифати гарав дар чунин бозиҳо зан, духтар, хоҳар, модар ё ягон узви баданашонро бохтаанд. Майлу хоҳиши баланд ба бозиҳои компютерӣ вобастагиро ба вуҷуд оварда, таркиби кортизолро баланд бардошта (гормони зери гурдаҳо), ба табаддулоти моддаҳо таъсир ворид менамояд. Пошидани картизол дар зери таъсири дофамин – ашёи тавлидкунандаи фараҳмандӣ мегардад. Дофамин, инчунин, дар ташаккул ёфтани вобастагӣ аз нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи мухаддир ширкат меварзад ва аз ин рӯ бозиҳои компютерӣ бо маводи мухаддир ва нӯшокиҳои мадҳушкунандаи спиртӣ дар як қатор меистад.

Аз раванди таҳқиқот бармеояд, ки ягон тадбири пешгирикунанда пеши роҳи фарзандони моро аз бозиҳои шавқовар гирифта наметавонад, агар оила, мактаб ва аҳли ҷамоатчигӣ дар якҷоягӣ кор набаранд. Сабаби асосии ба олами тахайюлӣ ворид шудани ҷавонон дар он мебошад, ки байни ҷавон ва одамони наздик дар оила мухолифат ба вуҷуд омадааст, дар оила фазои солим вуҷуд надорад, ҷавон дар оила дӯсту рафиқони хубу боваринок надорад, муносибати мураккаби байниҳамдигарии аъзои оила ва худро муаррифӣ карда натавонистани ҷавонон дар ҷамъият ӯро ба бозиҳои компютерӣ тела медиҳад.

Оид ба зермавзуи **2.3. Методҳои самараноки кор бо донишҷӯёни мубталои бозиҳои компютерӣ** гуфтан мехоҳам, ки мубталоии интернетӣ ё вобастагӣ аз интернет ва бозиҳои компютории дорои хусусияти агрессивӣ ҳамчун воситаи глобалии муошират, машғулшавӣ, ҷаҳду талош ва шавқи ба даст овардани иттилоотӣ гуногун ва ғайра фаҳмида мешавад.

Якумин таснифоти вобастагии интернетӣ, ки К. Янг дар соли 1998 пешниҳод карда буд, он аз шаш шакл иборат мебошад:

- вобастагии компютерӣ, ки шавқоварии он бозигарро ба худ ҷалб мекунад;
- навгониҳои компулсивии шабака;
- сербории иттилоот;
- вобастагии кибер-муошират ва кибер-шаҳвонӣ.

М. Гриффитс ду намуди вобастагии бозиҳои компютериро ишора намудааст:

- вобастагии ғайрифаъол, ки ба он тамошои барномаҳои телевизион мисол шуда метаво-

над;

- вобастагии фаъол, ки ба он бозиҳои компютерӣ ворид мешаванд.

Дар таҳқиқоти махсуси баргузорнамудаи В.А. Лоскутова, ки аз рӯи интихоб дар Россия гузаронида шудааст, синну соли мубталоёни интернет ва бозиҳои компютерӣ аз 21 - солагӣ муайян гардидааст, ки ба синни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ рост меояд.

Тавре ки маълум аст, яке аз шаклҳои паҳнгардидаи вобастагии интернетӣ, ин вобастагӣ аз бозиҳои компютерӣ мебошад. Дар ин раванд С.К. Бондарев қайд менамояд, ки «ба бозиҳои компютерӣ машғул шуда, фард тамоми имкониятҳои олами тахайюлиро аз худ менамояд: вақт ёфта, фазои дар он ҷойдоштаи ашёро пайдо намуда, метавонад бо онҳо тамоми кореро кунад, ки дилаш мехоҳад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки агар ҳаракат мутлақ, доимӣ ва сарчашмаи инкишоф бошад, оромӣ мафҳуми нисбӣ, кӯтоҳмуддат ва даргузар мебошад ва дар холати оромии дурудароз қарор гирифтани шахс боиси хуруҷ гирифтани бемориҳои ҷисмонӣ мегардад.

Ҷадвали № 7.

Аломатҳои хуручи бемориҳои компютории донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

Хуручи бемориҳо	Гурӯҳи озмоишӣ		Гурӯҳи назоратӣ	
	Теъдод	Фоиз %	теъдод	Фоиз %
Вобасташавӣ ва одатгирӣ	37	29,8	45	30,0
Аломатҳои фаромӯшхотирӣ	23	10,5	30	20,0
Тарсу воҳима	27	11,9	33	20, 3
Хусусияти даҳалӣ ва зур-рӣ	26	12,3	10	6,8
Шидатнокии асабоният	20	13,0	26	17.8
Ноустувории психикӣ	11	7,1	14	9,6
Ҳамагӣ	154	100,0	146	100,0

Таҷриба ва озмоишҳои мо собит намуданд, ки дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 29,8 % донишҷӯён нишонаҳои вобастагӣ аз компютер ва интернет, дар 20 % аломати фаромӯшхотирӣ, дар 11,9 % ваҳму тарс, дар 12,3 % хусусияти даҳалӣ ва зӯровар дар 13% шидатнокии асабоният ва дар 7,7% ноустувории равонӣ ҳис карда мешавад, ки чандон хатарнок нест.

Дар раванди вохӯрӣ ва суҳбат бо донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ ва назоратӣ маълумамон гашт, ки донишҷӯён бо компютер ва интернет шиносоии ниҳоят хуб доранд. Ин технологияи муосирро дар ҳал намудани вазифаҳои таълимӣ ниҳоят хуб медонанд ва мавриди истифода қарор медиҳанд. Сафармоҳи Хамдам дар раванди суҳбат гуфт: Соати 10 шаб ба ман зарур омад, ки дар бораи Саъдии Шерозӣ ҷизе пайдо намуда, омода шавам, дар ин кор ёрдамчии бовариноки ман компютер ва Интернет буд.

Шодибеки Аҳмад донишҷӯи фаъол мебошад, маҳияти амалии компютерро медонад, ба ин технологияи муосир дар заминаи маърифати хеш баҳои баланд медиҳад, аммо дар баробари он қайд намуд, ки рӯ овардан ба бозиҳои агрессивӣ дар кас ташвиш, эҳсосоти ноустуворӣ, паст гардидани қобилияти худназоратӣ, гурехтан аз одамон, танҳошинӣ ва танҳопарастиро тавлид менамояд.

Донишҷӯи бахши 3-юми коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнӣ Садафмои Умед гуфт, ки дар вуҷуди бозигари бозиҳои компютерӣ бештар стратегияи «гурехтан» аз «қабули масъулият» мушоҳида мешавад. Муносибати инсонро бо аъзоёни оила сард мегардонад ва мехоҳӣ, ки тамоми оила ба ту тобеъ бошанд ва гуфтаҳоятро бе чуну чаро иҷро намоянд.

Мақсади асосии таҳқиқоти мо, ки дар солҳои 2019, 2020 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои атрофи он баргузор намудам, ошкор намудани таъсири бозиҳои компютерӣ бо рафтори даҳалонаи донишҷӯён нисбати атрофиён буд.

Таҳлили дараҷа (сатҳ)-и рӯй овардани донишҷӯён ба бозиҳои компютерӣ имкон медиҳад, ки манзараи зеринро пешниҳод намоем: 58 % донишҷӯён барои он вақтро дар бозӣ

мегузарононд, ки аз проблемаҳо зиндагӣ озод гарданд, 18 % барои хешро ғолиб ҳис кардан, 16 % барои хорич гардидан аз воқеият ва ворид гардидан ба олами тахайюлии хеш, 8 % вобаста ба ҳолатҳои гуногуни вазъи оила ба бозӣ машғул мешаванд.

Дар таҳқиқот бештар аз 300 нафар донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷалб карда шуданд, ки 230 нафарашро писарон ва 70 нафарро духтарон ташкил медоданд, ки синну соли онҳо 19-21 - сола мебошад.



Расми 1. Ошкор намудани вобастагии донишҷӯён аз бозиҳои компютерӣ

Таҳқиқи донишҷӯён бо мақсади ошкор намудани вобастагии онҳо аз бозиҳои компютерӣ собит намуд, ки дар 12% -и донишҷӯён одати ташаккулёфта ба бозиҳои компютерӣ доранд, 51 % - и донишҷӯён ба гурӯҳи хатарнок мансубанд, дар 37 % ягон нишонаи тобеъшавӣ мушоҳида карда намешавад. Агар маърифати оила, роҳбарони синф ё кураторон баланд бошад, дар натиҷаи пурзӯр намудани корҳои тавзеҳӣ, тарбиявӣ ва фаҳмонидадиҳи ҷавононро аз ин рафтори номатлуб баргардонидан мумкин аст.



Расми 2. Таҳлили вақти хешро ба бозиҳои компютерӣ сарф кардани донишҷӯён

Дар раванди озмоиш ошкор гардид, ки миқдори минималии вақт, яъне 1-2 соатро дар як рӯз дар бозӣ 25 % писарон ва 50 % духтарон мегузарононд. Аммо 40 % писарон ва 35 % духтарон бештар аз 3-4 соати вақти худро дар бозӣ мегузарононд. Қариб 30 % писарон ва 30 % духтарон бештар аз 5-6 соат ба бозӣ машғул мешаванд. Дар баробари ин, писарон ва духтаронеро низ пайдо намудан мумкин аст, ки аз 6 соат бештари вақти хешро дар бозиҳои компютерӣ мегузарононд. Гуфтан мумкин аст, ки писарон бештар ба бозиҳои оммавии бисёрнафараи онлайн (MMO) ва action - машғул мешаванд, ки ин мутаносбан 17 % писарон ва 15 % духтаронро ташкил медиҳад. Духтарон бошанд, бештар ба бозиҳои инкишофдиҳанда марок зоҳир менамоянд, ки ин 4-8 %-ро ташкил медиҳад.

Расми 3. Тақсимоти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи майлашон ба шаклҳои гуногуни бозиҳои компютерӣ

Дар ибтидои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ мо тахмин намудем, ки бачагон нисбат ба духтарон бештар ба бозиҳои компютерӣ майл доранд ва вобастагӣ дар байни ҷавонон нисбат ба духтарон бештар мушоҳида карда мешавад. Дар раванди озмоиш маълум гардид, ки 15% ҷавонон ва духтарон ба ягон намуди бозӣ таваҷҷуҳ зоҳир наменамоянд. Дар байни

бозиҳои компютерӣ аз ҳама бештар таваҷҷуҳи писарону духтаронро ба худ бозиҳои онлайн ҷалб менамоянд, ки қариб 40% донишҷӯён ба он сару кор доранд. Дар ҷойи дуюм бозиҳои актион қарор доранд, ки бештар аз 32% донишҷӯёнро ба худ ҷалб менамоянд.

Ба бозиҳои инкишофдиҳанда бештар духтарон машғул мешаванд, ки 7% -ро ташкил медиҳад. Бозиҳои макет бошад таваҷҷуҳи 10% писарону духтаронро ба худ ҷалб менамояд. Дар ин раванд аз ҳама чизи муҳим, кори якҷояи омӯзгорони фаннӣ, куратор, волидон мебошад, ки тавонанд дар ҳамбастагӣ пеши роҳи ин хатарро гиранд.

Расми 4.

Нишондиҳандаҳои вобастагии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба бозиҳои компютерӣ



Раванди озмоиш ошкор намуд, ки дар 25 % писарон ва 53 % духтарон аломату нишонаи вобастагии компютерӣ доштан ошкор гардид.

Ба гурӯҳи хатарнок (риск) бештар аз 58 % писарон ва 41 % духтарон мансубият доштанашон ошкор гардид. Дар 12 % нафар писарон ва 6 % духтарон робитаи ташаккулёфтаи бозиҳои компютерӣ мушоҳида гардид. Таҳқиқоти мо тасдиқ намуд, ки дар бачагон майл ба вобастагии бозиҳои компютерӣ нисбати духтарон бештар мушоҳида мегардад. Асри мо натанҳо асри фишори рӯҳӣ, балки асри бо суръати тез татбиқ гардидани технологияи компютерӣ ва рақамӣ мебошад.

Расми 5.

Дараҷаи таъсири бозиҳои компютерӣ ба ташаккули шахсияти донишҷӯён



Дар раванди корҳои озмоишӣ маълум гардид, ки давомоти хонандагон ва донишҷӯёни бо бозиҳои компютерӣ ва телевизор зич робитамандӣ дошта, ниҳоят паст мебошад. Озмоиш собит намуд, ки агар телевизор дар хонаи хоби донишҷӯ ё хонанда васл шуда бошад, аз ӯ барвақтхезӣ, баҳои донишу маҳорат талаб накунед, давомоти ӯ нисбат ба ҳамкурсонаш паст мебошад.

Ба сифати оқибатҳои нохуши бозиҳои компютерӣ, пеш аз ҳама, маҳдуд гардидани доираи назар, муҳаббату самимияти ҷавонон, кӯшиш барои бунёд намудани олами хеш, дуршавӣ аз воқеиятро фаромӯш кардан даркор нест. [171, с.94- 102].

Оид ба зарари бозиҳои компютерӣ доир ба масоили асабонияти донишҷӯён, давомот, тарзи ҳаёти солим мақолаҳои зиёди олимон ба табъ расидаанд, аммо дар аксари онҳо фикру андешаҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Як гурӯҳи муаллифон исбот менамоянд, ки бозиҳои компютерии мазмуни зӯроваридошта дар истифодабарандагон дағалӣ ва зӯровариро инкишоф медиҳанд. Мо бар он андешаем, ки на танҳо дағалию зӯровариро инкишоф медиҳанд, балки ба дониш ва давомоти донишҷӯён таъсири манфӣ ворид месозанд.

ХУЛОСАИ УМУМӢ

Натиҷаҳои таҳқиқот барои расидан ба таҳия ва ибрози хулосаҳои зерин мусоидат намуданд:

1. Натиҷаҳои таҳқиқот ва чорабиниҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ зоҳиршавии анъанаеро ошкор сохтанд, ки аз дурустии фарзияи таҳқиқот шаҳодат медиҳад: яъне бозиҳои компютерӣ дар ниҳоди ҷавонон ғазабу нафратро ба вуҷуд меоранд. Омӯзиши адабиёт оид ба масъалаи таъсири бозиҳои компютерӣ ҷиҳати ба ғазаб омадани ҷавонон, аз раванди суҳбат ва саволномаҳо хулоса баровардем, ки ҷавонон дар робита бо олами тахайюлӣ ниҳоят хому сода мебошанд ва зуд дар онҳо эътимод ва вобасташавӣ рӯй медиҳад.
2. Муайян карда шуд, ки психика ва шахсияти наврасон дар арафаи барқароршавӣ қарор дорад, бисёр бозиҳои компютерии шакли шутерҳо бошад, дар фурӯши озоданд, ки рафторҳои дағалро дар ҷавонон ба вуҷуд меоранд. Ҷавонон дар давоми рӯз ба бозиҳои компютерӣ машғул шуда, чунон ҳиссиётеро дар худ ҷамъ менамоянд, ки онро бо ягон роҳ хорич намуда сабук шудан даркор аст. Барои ин, ҷавон роҳу усуле мекобад, ки ин бори гаронро холӣ кунад, ки дар бисёри ҳолат ба ӯ зарар озод мекунад. Агар дар давоми рӯз онро бароварда натавонад, дар умқи организм ҷой гирифта, онро вайрон мекунад.

Баъзан бозиҳои компютерӣ барои ҷавонон манбаи хорич кардани эҳсосоти дар ҷисм ҷамъшуда мегардад, ки дар шакли фаъолияти дохилӣ, ғазаб, норозигӣ зоҳир гардад. Пеш аз ҳама, бозӣ ягон чизи навро дар хазинаи андуҳмандӣ ҷамъ наменамояд.

3. Аниқ гардид, ки ба технологияи компютерӣ касе муқобил баромада наметавонад, зеро компютер дастоварди баландтарини инқилоби илмӣ - техникӣ мебошад, ҳаётро сабуку осон мегардонад, аммо дар натичаи истифодаи бешуурона метавонад мушкилот ва проблемаҳои зиёдро ба бор оварад. Як чиз маълуму машҳур аст, ки ҳама чиз дар ченаку андозааш хуб аст ва ҳар як инсони муосир бояд ҷавобгариро барои ҳаёти хеш дарк намояд. Ҷавонон бояд кӯшиш намоянд, ки компютерро на ҳамчун воситаи дилхушӣ, балки ҳамчун воситаи дастгоҳи фаъоли таълим истифода баранд.
4. Ошкор карда шуд, ки бетоқатӣ ва изтироб, ҳамчун омилҳои эҳсосотӣ таъсири нохуш ба ҷараёни таълими инфиродӣ ворид менамояд. Мавҷудияти ташвиши маънавӣ ва аз ҳад зиёд дар ҳарос будан дар ҷараёни таълим хатар ворид менамояд. Дар чунин вазъият ҷавонон ба маводи мутолианамуда сарфаҳм намераванд ва чизеро аз маводи хонда дар хотир нигоҳ дошта наметавонанд.
5. Муайян карда шуд, ки равшан зоҳир гардидани шакли ноустувории эҳсосот, дар бисёр ҳолат сабаби ташаккул ёфтани қафомонии таълимии донишҷӯён мегардад. Дар ҳолати дар инсон мавҷуд будани ҳолати нохуши рӯҳӣ, аз нуқтаи назари қабули

эҳсосотӣ, ӯ қудрате надорад, ки самаранок ва мақсаднок аз иқтидори зеҳнии худ истифода барад.

6. Собит шудааст, ки мавҷудияти ҳиссиёти баланди ташвиш инкишофи давомоти таълимӣ ва муътадилиро дар маҷмуъ паст менамояд. Тасдиқ кардан мумкин аст, ки яке аз сабабҳои асосии пайдоиши давомоти пасти таълимӣ ва қафомонӣ дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ташвишҳои пеш аз имтиҳонӣ мебошад.

7. Омӯзишу таҳқиқи мавзуъ ва натиҷаҳои таҳқиқот водор сохт, ки дар шакли хулоса оид ба бозиҳои компютерӣ барномаеро пешниҳод намоем, ки дар матни хулосаи диссертатсия оварда шудааст ва як қатор амалиётҳои универсалиро дар бар мегирад. Агар тамоми ин тадбирҳои дар лоиҳа овардашуда татбиқ шаванд, фикр мекунам, ки ҳам вобасташавӣ ба бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ва ҳам вайроншавии муносибат дар ҳаёти оилавии ҷавонон батадриҷ бартараф хоҳанд шуд.

8. Дақиқ муайян карда шуд, ки бозӣ асоси ҳаёти бачагон буда, давраи бачагиву наврасӣ ва ҷавониро бе бозӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҷавонон танҳо худро тавассути бозӣ зоҳир карда метавонанд ва онҳоро қариб аз бозӣ ҷудо кардан мумкин нест. Лекин дар бозиҳои компютерӣ бача душманро мекушад, хунрезиву зӯровариро мушоҳида намуда, дар фаъолияти ӯ бераҳмӣ, даҒалӣ ва зӯроварӣ таъсири худро расонида, ташаккул меёбад.

Аз ҷониби дигар, бозигар дар раванди бозӣ аз иҷрои мушкилот намебарояд, онро аз нав такрор мекунад, боз намешавад, дар чунин ҳолат то дараҷаи асабоният мерасад, ки ба ҷисм зарар ворид мегардад. Ҷавононе, ки бо компютер бозӣ мекунанд, дилкашию ҷолибии бозиҳои компютериро ҳис менамоянд. Бозӣ табиати инсонро фаро мегирад ва тамоми бозиҳоро майлу хоҳиш ҳамроҳӣ менамояд.

9. Собит шуд, ки дар шароити муосир раванди ҷаҳонишавӣ, хоҳ*нохоҳ ба паҳншавии бозиҳои нав ба нави компютерӣ мусоидат менамояд. Бештар бозиҳои компютерии ба монанди 3D - шутерҳо, «оворагон - тирандозҳо» ва ғ. диққати ҷавононро ба худ ҷалб менамоянд. Дар чунин шаклҳои бозӣ ҷавонон дар танҳоӣ амал намуда, душманонро тавассути аслиҳаи хунук ва оташфишон нест мекунанд ва дар натиҷа ин ҳолат дар зеҳну вуҷуд ва хулқу атвори онҳо ҷойгузин шуда, роҳнамои кирдору рафтори минбаъдаи онҳо дар кору зиндагӣ мешаванд.

10. Таҳқиқот дурустии фарзияро тасдиқ намуд ва собит сохт, ки дар нақшаи корҳои таълимӣ - тарбиявӣ ворид намудани баргузории машғулиятҳои иловагӣ ва чорабиниҳои хусусияти маърифатидошта барои боз ҳам беҳтар ошно гардонидани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо анъанаҳои дурусти истифода аз технологияи компютерӣ ва гирифтани пеши роҳи мубталошавии ҷавонон ба бозиҳои хусусияти агрессивидошта ҳаматарафа мусоидат мекунад.

Хулоса, бозиҳои компютерӣ метавонанд, ҳам нафърасон ва ҳам зараровар бошанд, ки дар ин бора дар таҳқиқоти диссертатсионӣ андешаву мулоҳиза ва таҳлилу пешниҳодҳои зиёд манзур шудаанд.

Тавсияҳо барои истифодаи натичаҳои таҳқиқот дар амал

1. Дар нақшаи корҳои таълимӣ - тарбиявӣ ворид намудани баргузории машғулиятҳои иловагӣ ва чорабиниҳои хусусияти маърифатидошта барои беҳтар ошно гардонидани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо анъанаҳои дуруст истифода бурдан аз бозиҳои компютерӣ ва гирифтани пеши роҳи мубталошавии ҷавонон ба бозиҳои хусусияти агрессивидошта ҳаматарафа мусоидат мекунад.

2. Вазъи рӯзафзун зиёдшавандаи мубталошавии ҷавонон ба бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта водор месозад, ки дастурҳои методӣ ва роҳнамоҳо дар бораи

бехатарии истифодаи технологияи компютерӣ дар таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ ва зарару оқибатҳои ҳузнангези ба бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта машғул шудан таҳия, нашр ва дастраси наврасону ҷавонон гардонида шаванд.

3. Амалан ба донишҷӯён ва хонандагон нишон додани роҳ ва тарзи истифодаи бехатари бозиҳои компютерӣ дар муассиса, хона ва ҷойҳои ба ин мақсад ташкилшуда бояд фаъолияти доимиву густурдаи муассисаҳои таълимӣ, оила, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ниҳодҳои ҷамъиятиву иҷтимоӣ бошад.

4. Омода намудан ва ба табъ расонидани дастури методӣ барои омӯзгорон оид ба роҳу усул ва технологияҳои ташкили корҳои мустақилона ва машғулиятҳои беруназсинфӣ барои донишҷӯён ва бозигарони бозиҳои компютерӣ дар ташаккули донишу маърифатнокии омӯзгорон оид ба масъалаи мавриди назар мусоидат хоҳад кард.

5. Ҳангоми ба таҳсил қабул намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз муоинаи тиббӣ ва равонӣ гузаронидани онҳо бо мақсади гирифтор набуданашон ба вобастагияшон аз бозиҳои компютерӣ.

6. Барои «муътадил» гардонидани муносибати наврасону ҷавонон ба бозиҳои компютерӣ:

- волидон бояд дар бораи оқибати бозиҳои компютерӣ дар ҳаёти фарзандонашон маълумот дошта бошанд;
- онҳо бояд муносибат ба назоратро ба таври педагогӣ фаҳманд, ки назорат барои бача на*охушоянд аст;
- озодӣ барои ҷавонони аз 14 - сола боло бояд бошуурона, мақсаднок ва дар заминаи хоҳиш бошад;
- ҷавонон бояд вақти холии хешро дар бозиҳои компютерӣ дар асоси «худназоратӣ» истифода бурда тавонанд;
- онҳо бояд дар хотир дошта бошанд, ки дар лаҳзаҳои интихоби бозиҳои компютерӣ чиро интихоб карда истодаанд, оё дар бораи саломатии шахсӣ, гигиена ва хоб фикр кардаанд ё не, оё медонанд, ки давомнокии бозӣ дар компютер барои ҷавонони 16 - 17-сола набояд аз 2 соат зиёд бошад;
- ҷавонон бояд кӯшиш намоянд, ки ҳар қадар зудтар аз бозӣ хориҷ шаванд, гигиена ва масофаи кор бо компютерро риоя кунанд;
- ҷавонон бояд аз рӯи имконият бисёртар вақти холии худро дар мутолиаи китоб, сайру гашт дар ҳавои кушод, машғул шудан ба варзиш, тамошои филму намоишномаҳои театрӣ гузаронанд.

МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

I. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи пешниҳоднамудаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табрасида:

[1-М] Бобокалонов, С.Н. Таъсири психологӣ - педагогӣ ба афзоиши рафтори агрессивии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2020. - №3 (31). - С. 95-105. (ISNN 2617-5620)

[2-М] Бобокалонов, С.Н. Озмоиш ва мушоҳидаҳои педагогӣ оид ба кор бо донишҷӯёни мубталои бозиҳои компютерӣ.// Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2022. - №3 (37). – С. 128-133. (ISNN 2617-5620)

[3-М] Бобокалонов, С.Н., Маҳкамов Д. Нақши бозиҳои компютерӣ дар ташаккули зӯроварӣ дар донишҷӯён ва роҳҳои пешгирии он. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, 2021. - №2 (6). – С. 63 - 67. (ISNN 2617-5620)

[4-М] Бобокалонов, С.Н. Пешгири зарари бозиҳои компютерӣ ба наврасон. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2023. - №2 (42). – С. 73-77. (ISNN 2617-5620)

[5-М] Бобокалонов, С.Н. Проблемаҳои муосири истифодабарии захираҳои оби Тоҷикистон. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2018. - №3(23). С. 95-99. (ISNN 2617-5620)

[6-М] Бобокалонов, С.Н. Асосҳои салоҳиятнокӣ дар таълими географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ), 2020. - №1. С. 84-87. (ISNN 2074-1847)

[7-М] Бобокалонов, С.Н. Омӯзиши манобеъ ва мушкилоти оби водии Зарафшон дар дарсҳои география. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2019. - №2 (27). С. 97-102.

[8-М] Бобокалонов, С.Н. Таърихи инкишофи методикаи география. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2020. - №1 (29). – С. 195-199. (ISNN2222-9809)

[9-М] Бобокалонов, С., Икромов Ғ., Раҳматзода, С. Ҷавонони Тоҷикистон дар масири таҳаввулоти сиёсии интиҳои қарни ХХ. // Паёми Донишкадаи забонҳо, 2019. - №2(34). - С. 95-105.

Маводи дар маҷаллаю нашрияҳои дигар чопшуда:

[10-М] Бобокалонов, С.Н., Боев Б. “Таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта // Маҷмуаи мақолаҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ // Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 27.09.2021. – Душанбе, 2021. – С. 64-67.

[11-М] Бобокалонов, С.Н. Омилҳои таъсири бозиҳои кампютерӣ // Маҷмуаи маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи “Проблемаи муосири рушди фанҳои табиатшиносӣ. Пажуҳишгоҳи рушди маориф, – Душанбе, 27.11.2021. – С. 17-19.

[12-М] Бобокалонов, С.Н. Зарари истифодаи барзиёди телфон ва компютер. // Маҷмуаи маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи “Корҳои риёзии ниёгони тоҷику форс Умари Хайём” Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, – Душанбе, 03.12.2022. – С. 60 - 67.

[13-М] Бобокалонов, С.Н. Таъсири манфии бозиҳои компютерӣ ба фаъолияти хонандагон // Маорифати омӯзгор. - №12, 2021. – С. 25-27.

[14-М] Бобокалонов, С.Н**.** Тарзи гузаронидани дарси тарбиявӣ / Дастури методӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (Бо қарори Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ аз 12.02.2019, №2) ба чоп тавсия шудааст. – Душанбе, 2019. - 112 с.

[15-М] Бобокалонов, С.Н. Инноватсия дар таълими фанни биология / Дастури методӣ (Бо қарори Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ аз 30.02.2017, №8) ба чоп иҷозат дода шудааст.–Душанбе, 2017.–51 с**.**

[16-М] Бобокалонов, С.Н. Роҳу усулҳои гузаронидани корҳои амалӣ дар таълими география / Дастури методӣ (Бо қарори Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ ба чоп тавсия карда шудасаст). – Душанбе, 2017. – 100 с.

[17-М] Бобокалонов, С.Н. Корҳои амалӣ аз фанни география / Дастури методӣ (Бо қарори Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ аз 30.08.2016, №7 ба чоп тавсия шудааст). – Душанбе, 2016.- 38 с.

[18-М] Бобокалонов, С.Н. Муносибати босалоҳият дар таълим / Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ - амалӣ дар мавзуи “Об барои рушди устувор” // Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ, 30.10.2018. – Душанбе, 2016. – С. 47-49.

[19-М] Бобокалонов, С.Н. Низоми дугона // Ҷумҳурият. - №74 (22-896), 16.04.2016. - С. 3.

[20-М] Бобокалонов, С.Н., Мастова, Г. Захираҳои обӣ - рекреатсионии Тоҷикистон. // Маорифи Тоҷикистон. - №11, 2021.

[21-М] Бобокалонов, С.Н. Беҳтарин макон барои сайёҳон // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2018. - №6(62). – С. 10.

[22-М] Бобокалонов, С.Н. Ташаккули салоҳиятҳои истифодаи оқилонаю сарфакоронаи об дар хонандагон ҳамчун омили рушди устувор / Дастури методӣ (Бо Қарори Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ аз 27.02.2020 ба чоп тавсия шудааст). – Душанбе, 2020. – 92 с.

[23-М] Бобокалонов, С.Н. Сайёҳӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ (тавсия барои сайёҳон). – Душанбе, 2020. - 80 с.

[24-М] Бобокалонов, С.Н. Экология дар рушди истеҳсолот ва солимӣ / Дастури методӣ (Бо қарори Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ аз 28.03.2019, №3) тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2019. – 76 с.

[25-М] Бобокалонов, С.Н. Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти умумӣ / Дастури методӣ (Бо қарори Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ аз 26.02.2018, №2) тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2018. – 171 с.

[26-М] Бобокалонов, С.Н. Ҳимояи об вазифаи мост // Паёми Донишкадаи забонҳо. - Душанбе, 2017. - №6 (52). – С. 9-10.

[27-М] Бобокалонов, С.Н. Пешниҳоди манфиатбори Пешвои миллат // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2017. - №5(51). –С.9.

[28-М] Бобокалонов, С.Н. Пешгирӣ ва табобати ВИЧ-СПИД душвор нест // Омӯзгор. - №48 (12117), 30.11.2017. – С. 3.

[29-М] Бобокалонов, С.Н. Инсон ва табиат // Ҷумҳурият. - 16.04.2016, №74. – С. 5.

[30-М] Бобокалонов, С.Н. Обҳои минералӣ аз омилҳои муҳими рушди туризм ва рекреатсия // Ҷумҳурият. - 21.01.2020, №15. – С. 7.

[31-М] Бобокалонов, С.Н. Дарёҳои Кӯлоб // Тоҷикистон. - 08.04.2020, №14. – С. 3.

[32-М] Бобокалонов, С.Н. Водный туризм - возможность покорить природу // Народная газета. - 04.03.2020, №10. – С. 4.

ИНСТИТУТ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ИМЕНИ АБДРАХМАНА ДЖАМИ АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

УДК: 370+37.01
ББК 74.200
Б - 69

На правах рукописи

БОБОКАЛОНОВ СУХРОБ НОЗИМОВИЧ

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВЛИЯНИЯ КОМПЬЮТЕРНЫХ ИГР АГРЕССИВНОГО ХАРАКТЕРА НА ПОВЕДЕНИЕ СТУДЕНТОВ СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ

(повторная защита)

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.01- Общая педагогика, история педагогики и образования (педагогических наук)

ХУДЖАНД – 2024

Диссертация выполнена в отделе начального и среднего профессионального образования Института развития образования им. Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана.

Научный руководитель:	**Махкамов Дастам -** кандидат педагогических наук, заведующий отделом начального и среднего профессионального образования Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана
Официальные оппоненты:	**Шаропов Шавкат Ахмадович** – доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Бабаджана Гафурова”.
	Рафиев Сафархон Аюбович – кандидат педагогических наук, и.о. доцент, проректор по науке и инновации ГОУ «Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки»
Ведущая организация:	**ГОУ «Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни»**

Повторная защита состоится 12-октября 2024 года, в 9:00 часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-026 при ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова» (Республика Таджикистан, 735700, г. Худжанд, переулок. Мавлонбекова, 1).

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова” и на сайте www.hgu.tj

Автореферат разослан _____ 2024 года.

Ученый секретарь
диссертационого совета,
д.ф.н., доцент **Хамробоев Н.А.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. В меняющихся современных социально - экономических условиях найти выход и оказать помощь подрастающему поколению, пристрастившемуся к жестоким компьютерным играм, стало одной из важнейших задач для всего человечества.

Актуальность темы исследования в том, что в 2009 году общий доход США от продажи видеоигр составил 20 миллиардов долларов, но общий доход от мировой торговли превышает 110 миллиардов, что вдвое превышает общий доход Голливуда. Занимаясь компьютерными играми, дети и подростки не только могут находиться под их воздействием, но и изучают много вредного и нежелательного.

Актуальность темы исследования проявляется в том, что хотя просмотр компьютерных игр и видеороликов, имеющих фантастическое или агрессивное содержание, не является главным фактором и порождает агрессивного поведения в обществе.

Значимость нашего исследования обусловлена ещё тем, что наблюдение за средой подростков и молодежи подтверждает, что количество 18-летних молодых людей, проявляющих агрессию, с каждым годом растет, основной причиной которой является сильное влечение молодёжи к просмотру подобных представлений.

Компьютерные игры как социальное явление, наряду с другими аудиовизуальными медиа и пространственными средствами современного мира, все больше влияют на развитие информационных технологий и входят в жизнь подрастающего поколения.

Продукция индустрии компьютерных игр в основном охватывает разные категории людей всех возрастов, начиная от детей до взрослых. Необходима высокая политическая и гражданская бдительность, чтобы предотвратить этот вредный и нежелательный фактор. Так как это может разрушить духовность, психику, поведение и взгляды молодого поколения и посеять семена ненависти, насилия и национализма в душе подрастающего поколения.

Просмотр телевизионных фильмов и сильная технологическая конкуренция на международном рынке и большое количество компьютерных игр с агрессивным содержанием вызвали беспокойство у общественности и родителей. С увеличением влияния компьютерных технологий в сознании подростков проявляется агрессивность, и отношение с ними составляет трудности.

Компьютерные игры, имеющие насильственный характер, влияют на поведение, этику и отношение молодёжи, превращая их из обычных людей в палачей и убийц. Признавая важность компьютерных технологий, во всех сферах жизни человечества, некоторые сторонники компьютерных игр и Интернет-сайтов заявляют, что эти агенты могут вызывать агрессию у уязвимых людей, но не способны превратить обычного человека в убийцу.

Например, в аннотации к игре «Против убийцы» отмечено: «Ты можешь воспринимать себя настоящим воином. Ты можешь сам выполнять работу суда, защищать жестокие законы преступного мира или обычно заканчивать убийство любого, кто встанет у тебя на пути».

